## ПРЕЗИДЕНТ: АЗ СУҒД ТО РАШТ
с. 8-9

## АЗ САФАР БА РУСИЯ ХУДДОРӢ КУНЕД!
с. 3

## ДАРОМАДИ СОКИНОН ДАР ЯК РӮЗ ЧӢ ҚАДАР АСТ?
с. 3




# ТОҶИКИСТОН

№37 (1600), 11.09.24 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якто аст! Оғози нашр соли 1992




**32** сол • **1600** ҳафта • **11 680** рӯз • **280 320** соат • **16 819 200** дақиқа • **1 009 152 000** сония бо **шумо**


**МАҶМААИ НАВИ ИСТИҚОМАТИИ ПӮЛОДӢ**

АЗ АРЗИШИ УМУМӢ **30%** ПЕШПАРДОХТ,
ПАРДОХТИ МАБЛАҒИ БОҚИМОНДА **АЗ 1 ТО 3 СОЛ** БЕ ФОИЗ

СЕБИСТОН-2018
ШИРКАТИ СОХТМОНӢ



- *Хонаҳо аз 56,10м2 то 138,90м*
- *Баландии шифти квартираҳо 3м 15 см*
- *Тирезаҳои алюминий*
- *Лифтҳои бренди ҷаҳонӣ*
- *24/7 амнияти ва назорати видео*
- *Таваққуфгоҳи зеризаминӣ*
- *Дар наздики гипермаркети*
- *Auchan, мағозаи JYSK*

Бинои истиқоматии баландошёна, бо ҷойгиронии марказҳои савдову хизматрасонӣ дар ошёнаи аввал ва таваққуфгоҳи наклиёти автомобилӣ дар таҳхонаи он, воқеъ дар кӯчаи Пӯлодӣ № 33, ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе.

ТЕЛЕФОНИ ШУЪБАИ ФУРӮШ: +992 00-277-33-66
+992 200-00-00-00 | +992 00-277-44-33

## ҲАЙАТИ МУШОВАРА

**Шариф ҲАМДАМПУР,**
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

**Усмон РАҲИМЗОДА,**
муовини сармуҳаррир

**Одил НОЗИР,**
муҳаррир

**Талбак НАЗАРОВ,**
раиси “Сандуқи хайрияи Тоҷикистон”, академик

**Фарҳод РАҲИМӢ,**
академик

**Шералӣ КАБИР,**
вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон

**Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,**
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

**Масъуди МИРШОҲӢ,**
раиси Бунёди Рӯдакӣ (Фаронса)

**Қозидавлат ҚОИМДОДОВ,**
сиёсатмадор

**Адаш ИСТАД,**
нависанда (Узбекистон)

**Ҳафиз РАҲМОН,**
адабиётшинос

**Иноят ИНОЯТОВ,**
ҳуқуқшинос

**Умед СУЛТОНОВ,**
саҳифабанд

**МУАССИС:**
**Ҳайати кормандони ҳафтанома**

*Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.*
*Дар ҳафтанома маводибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашриёҳо чоп намудани маводиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи маводиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» таъаллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолиброро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*

**ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:**
**221-00-84,**
**227-19-95**
**tojikiston@pressa.tj**

**ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА**
**ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16**
**238-78-78, 44 640-99-88,**
**238-61-61**
**ads@rg.tj**

**ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО**
**918-66-82-64,**
**221-41-11**

**ТЕЪДОДИ НАШР:**
33 000 нусха.

# МИНБАРИ ТАЪРИХ ВА АНДЕША

## Шумораи 1600-уми «Тоҷикистон» аз чоп баромад




Ҳафтаномаи "Тоҷикистон" бо шумораи 1600-умаш дар ҷараёни 32 соли фаъолияти худ масири тӯлонӣ ва пур аз ҳодисаҳоро тай кардааст. Дар мобайни 384 моҳи чоп ин нашрия шоҳид ва гувоҳи бисёр дигаргуниҳои калидӣ дар таърихи муосири Тоҷикистон шуда, бо 1600 ҳафта, 11 680 рӯз, 280 320 соат, 16 819 200 дақиқа ва 1 009 152 000 сонияи адабӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ ҳамроҳи мардумаш буд.

Дар зери ин рақамҳои ҳайратангез таҷрибаҳо ва мушкилоте ҷой доранд, ки "Тоҷикистон" ҳамчун ҳамдам ва ҳамқадами давлати соҳибистиқлол ҷароҳатҳо ва дастовардҳои Тоҷикистонро инъикос намудааст. Ин ҳафтанома на танҳо шоҳиди таърихӣ, балки фаъол дар роҳбарӣ ва ҳидояти афкори ҷомеа буда, ба мардум имкон додааст, ки воқеиятҳои ҷомеаро аз дидгоҳҳои гуногун баҳо диҳанд.

Нашрияи "Тоҷикистон", ки яке аз аввалин нашрияҳои мустақил дар кишвар аст, дар ҷараёни ин солҳо камол ёфта, тавонистааст ба мавқеи баланди рӯзноманигории мустақил ва беғараз расад. Ин нашрия, ки дар шароити молӣ ва равонии душвор кор кардааст, ҳамеша дар сафи пеш қарор дошт ва ба ҳеҷ гуна фишор ва манфиатҳои хориҷӣ тан надодааст.

Бо шумораи 1600-ум, "Тоҷикистон" на танҳо таърихи ҷумҳурӣ, балки таърихи худро низ ҷашн мегирад. Ин ҳафтанома, ки дар баробари дӯстдорон ва душманони Тоҷикистон истодааст, мавқеи худро ҳифз карда, ба эътимод ва дастгирии хонандагони худ такя дорад. "Тоҷикистон" шояд соҳиби ҷоиза ва орден нагашта бошад, вале ин нашрияи бонуфуз, ки дар дилҳои мардум ҷо гирифтааст, бузургтарин ҷоиза - эътимоди мутлақи мардумро дорад ва ҳамчунон раҳнамои онҳо боқӣ мемонад.

**ТОҶИКИСТОН** бо нашри шумораи 1600-ум на танҳо саҳифаеро дар таърихи журналистикаи тоҷик боз кард, балки ба ҳайси манбаи боэътимод ва равшании фарҳанги миллӣ боз ҳам устувортар мегардад. Дар давоми 32 соли фаъолият, ин нашрия дар баробари шоҳид ва таҳлилгари воқеаҳои муҳими таърихӣ ва иҷтимоӣ, ба майдони аслии мубориза барои истиқлоли равияи фикр ва тасвири воқеъбинонаи ҳаёти рӯзмарра табдил ёфтааст.

**16 819 200** дақиқа •
**1 009 152 000** сония •
бо **шумост!**

**ТОҶИКИСТОН** аз рӯзҳои нахустини таъсис ёфтанаш дар даврони тағйироти калони сиёсӣ ва иҷтимоии кишвар, ҳамеша кӯшиш кардааст, ки рисолати аслии журналистика - инъикоси ҳақиқатро дар сатҳи баланд иҷро кунад. Шумораи 1600-ум маҳз нишон медиҳад, ки чӣ гуна ин нашрия тавонистааст бо вуҷуди фишорҳо ва чолишҳо, ҳамчун як сутуни мустаҳкам ва муътабар боқӣ монад.

**ТОҶИКИСТОН** ҳарчанд аз мушкилоти молиявӣ ва идеологӣ раҳо нест, муайян кардааст, ки барномаҳои густурдаи дар пеш оид ба истифодаи беҳтари технологияҳои нав ва таваҷҷуҳ ба экспансияи мазмуни диджиталӣ дошта бошад. Ин тадбирҳо на танҳо қодир месозанд, ки "Тоҷикистон" дар муҳити медиавии доимо дар ҳоли тағйир ва рақобат боқӣ монад, балки инчунин имкон медиҳанд, ки нашрия ба як манбаи муътамади маълумот ва таҳлил барои насли нави хонандагон табдил ёбад.

**ТОҶИКИСТОН**
**32** сол •
**1600** ҳафта •
**11 680** рӯз •
**280 320** соат •

**ТОҶИКИСТОН** дар раванди таҳким ва рушди журналистикаи мустақил дар Тоҷикистон нақши беназир дорад. Нашрия бо пешниҳоди майдони боз барои баҳсҳои озод, таҳлилҳои амиқ ва гузоришҳои шаффоф фарҳанги сухбат ва таҳаммулро дар миёни хонандагону мухотабон тақвият бахшидааст. Ин амали ниҳоди матбуотӣ дар шароите, ки сиёсат ва иҷтимоъ ба шиддат дар ҳоли тағйир аст, вазифаи муҳим ва ҳассос маҳсуб мешавад.

Ҳамин тавр, шумораи 1600-уми "Тоҷикистон" на танҳо як нуқтаи таърихӣ дар сафарномаи нашрия аст, балки рамзи идомаи мероси фарҳанги иттилоотӣ ва андешамандӣ дар Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Дар ин лаҳзаҳои таърихӣ, "Тоҷикистон" беш аз пеш ба намуди як дастури рӯшангар барои ояндаи дурахшони журналистика ва фарҳанги миллӣ нигаронида шудааст.

**Шариф ҲАМДАМПУР,**
**сармуҳаррири “Тоҷикистон”**

# РАДДАБАНДӢ

## Даромади сокинони Тоҷикистон дар 1 рӯз чӣ қадар аст?

**Дар соли 2023 даромади миёна (медианӣ)-и сокинони Тоҷикистон 5,33 доллар дар як рӯзро ташкил медиҳад. Дар саросари ҷаҳон он ба ҳисоби миёна ба 16,09 доллар баробар аст. Ин маълумот дар портали WiseVoter оварда шудааст.**

### Мақоми Тоҷикистон

Тоҷикистон аз лиҳози даромади миёна байни 162 кишвари дунё мақоми 105-умро касб кардааст. Ҳамин тариқ, даромади миёна байни кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ чунин арзёбӣ шудааст:

- **Қазоқистон** - 10,42 доллар;
- **Қирғизистон** - 5,43 доллар;
- **Туркманистон** - 2,4 доллар;
- **Ӯзбекистон** - 1,23 доллар.

**Дар Русия ин нишондиҳанда ба 17,41 доллар баробар аст.**

Қобили зикр аст, ки нишондиҳандаи Тоҷикистон 2,2 баробар аз Туркманистон ва 4,3 баробар аз Ӯзбекистон зиёдтар аст.

Даромади миёна ё худ медианӣ ҳаҷми даромадеро, ки сокини аз лиҳози омор миёнаи ин ё он кишвар мегирад, нишон медиҳад. Барои муайян кардани нишондиҳандаи мазкур ҳамаи коргаронро ба ду қисми баробар тақсим мекунанд: дар нисфе аз коргарон даромад бояд аз ин маблағ зиёд бошад ва дар нисфи дигар камтар. Мисол, миёни даромадҳои 10, 8, 6, 4, 2 ҳазор сомонии панҷ шахси шартӣ миёна ё медианӣ 6 ҳазор сомонӣ ба ҳисоб меравад, яъне нишондиҳандае, ки дар мобайн қарор гирифтааст.

### Дар саросари ҷаҳон аз лиҳози даромади миёна

**Люксембург** - $69,48
**Норвегия** - $65,30,
**ИМА** - $65,14,
**ИМА** - $65,04

### Дар зинаҳои охири раддабандӣ

**Конго** - $1,46,
**Ӯзбекистон** - $1,23
**Мадагаскар** -$1,12)

Дар омори Тоҷикистон ва кишварҳои минтақа барои муайян кардани сатҳи зиндагии аҳолӣ маоши миёнаи моҳонаи номиналӣ истифода мешавад. То 1-уми апрели соли равон музди меҳнати миёна дар Тоҷикистон 208 доллар, Ӯзбекистон - 389 доллар, Қирғизистон - 407 доллар ва Қазоқистон - 808 долларро ташкил медод.

### Вазир: Даромад 113 баробар зиёд

Даромадҳои пулии аҳолии Тоҷикистон тайи 23 соли охир аз 1 млрд то 113 млрд сомонӣ расида, афзоиш 113 баробарро ташкил медиҳад.

Ин нуктаро ахиран вазири рушди иқтисод ва савдо Завқӣ Завқизода зимни таҷлили Рӯзи иқтисодчиён баён доштааст.

Ба гуфтаи вазир, 23 соли охир новобаста аз таъсири манфии таҳдидҳову омилҳои берунӣ рушди иқтисоди кишвар ҳамасола ба ҳисоби миёна дар сатҳи 7,7% таъмин гардидаст.

Ҳамчунин, Завқизода афзоиши назарраси ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишварро таъкид намудаст, ки аз 1,8 млрд сомонии соли 2000 то ба наздики 131 млрд сомонӣ расидааст. Аз ҷумла, рушди иқтисоди кишвар дар соли 2023-юм 8,3%-ро ташкил додааст. Ба гуфтаи ӯ, ин нишондод асосан аз ҳисоби зиёд гардидани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба андозаи 12%, кишоварзӣ 9%, маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ 22,5%, боркашонӣ 16,6%, хизматрасонии пулакӣ 14%, гардиши савдо 13% фоиз ва мусофиркашонӣ қариби 10% таъмин гардид.

**У. РАҲИМЗОДА**

# РУШДИ САНОАТ

## Тоҷикистон дар Осиёи Марказӣ пешсаф аст

**Афзоиши истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар Тоҷикистон дар соли гузашта 12%-ро ташкил додааст, ки дар қиёс ба Ӯзбекистон (6%), Қазоқистон (4,3%) ва Қирғизистон (1,8%) ба маротиб зиёд будааст. Дар ин бора рӯзномаи “Вечерный Бишкек” мақолаи муфассал ба табъ расонидааст.**

Нашрия менависад, ки Тоҷикистон аз рӯи суръати рушди саноат дар байни кишварҳои Осиёи Марказӣ пешсаф аст. “Вазорати рушди иқтисоди Тоҷикистон дар соли 2024 афзоиши боз ҳам таъсирбахштар - то 21,2% пешбинӣ кардааст”,- менависад “ВБ”. Гуфта мешавад, ки ин пешгӯӣ бо афзоиши шумораи корхонаҳои нав амалӣ мегардад.

Тибқи иттилои Агентии омори Тоҷикистон, феълан дар кишвар ҳудуди 3,5 ҳазор корхона фаъолият мекунанд, ки бештари онҳо дар бахшҳои тавлидот ва истихроҷи маъдан фаъолият доранд.

Соли равон боз чандин корхонаҳои нави саноатӣ боз шуданд. Дар соли 2024 дар Тоҷикистон 251 корхонаи нави саноатӣ ба фаъолият оғоз карданд, ки дар онҳо ҳудуди 2 ҳазор нафар бо ҷойи кори доимӣ таъмин шуданд. Чоряки корхонаҳои нав дар бахши саноати ғизоӣ, соҳаи сохтмон, саноати мошинсозӣ ва бофандагӣ фаъолият мекунанд.

Ба гуфтаи Шералӣ Кабир, вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон, корхонаҳои нав дар 6 моҳи аввали соли 2024 алакай ба маблағи 60 миллион сомонӣ маҳсулот истеҳсол кардаанд.

Рушди соҳаи саноат дар Тоҷикистон дар доираи "Барномаи саноатикунонии босуръати Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025", инчунин эълон гардидани солҳои 2022-2026 - "Солҳои рушди саноат" амалӣ мешавад.

Бонки Ҷаҳонӣ низ дар гузориши тобистонааш натиҷаҳои иқтисоди кишварро мусбат арзёбӣ кард. Дар гузориш, ки дар бораи иқтисоди Тоҷикистон аз ҷониби коршиносони амрикоӣ таҳия шудааст, гуфта мешавад, ки ҷумҳурӣ дар соли 2023 ва аввали соли 2024 натиҷаҳои хуби иқтисодӣ нишон додааст. Дар ин давра маҷмӯи маҳсулоти дохилии Тоҷикистон 8,2% афзоиш ёфтааст.

Коршиносони Бонки Ҷаҳонӣ таъкид кардаанд, ки сохтмони НБО “Роғун”, ки калонтарин нерўгоҳи барқи обӣ дар Осиёи Миёна бо иқтидори 3600 мегаватт аст, иқтисоди Тоҷикистонро дар минтақа ба таври қобили мулоҳиза тағйир хоҳад дод. НБО “Роғун” имкон медиҳад, ки неруи барқ ба кишварҳои ҳамсоя содир карда шавад ва воридшавии маблағ ба иқтисодиёт бештар гардад.

**Д. ҚОДИРПУР**

## САРИ САБЗ



**Махмуд САНГАЛИЕВ, мутахассиси Шӯрои уламо**

**- Яке аз омилҳои пешгирикунандаи бемории сил нигоҳ доштани покизагии инсонҳо аст... Ислом ҳамеша исроф бар ин мекунад, ки дар ҳар навъи беморӣ ба мутахассиси он муроҷиат кунед ва он чизе, ки ба шумо барои табобати он тавсия карда мешавад, иҷро кунед.**

*- Домуллои муҳтарам, шояд Ислом дар бораи иштирок дар лоиҳаҳои пешгирии бемориҳо ва назару машварат додан ҳам исроф кунад, чун ин ҳам як навъ кумак ба раванди табобат аст.*



**ЗАКИЯ, сарояндаи тоҷик**

**- Аз инсонҳое, ки нисбати ҳунару хунарманд назари хуб надоранд, кӯшиш мекунам, ки дурӣ ҷӯям. Дар масъалаи нигоҳу ақидаи мардум бошад, ҳаминро мегӯям, ки назарҳо гуногунанд. Ҳар кас дунёро ба андозаи ақлу хиради худ мебинаду баҳо медиҳад.**

*- Фикр намекунед, ки шояд он инсонҳо ба хотири пешрафти ҳунару ҳунармандон назари интиқодӣ иброз дошта бошанд? Бо хуб гуфтан ҳама хуб намешавад ку!*



**Кудратулло ҲАКИМОВ, ҳавонаварди тоҷик**

**- Парвоз кардан мисли дар мошин савор шуда сафар кардан аз макони ба ҷойи дигар аст. Вақти парвоз ҳиссиёти аҷибе туро фаро мегирад. Ба худ мегӯӣ, шояд ин парвози охиринам бошад, чун намедонӣ дар фазо туро чӣ интизор аст...**

*- Ҳаҳаҳа, ин марбут ба ҳасосият аст, дӯсти азиз! Масалан, мо амали баъзе ронандаҳоро дида, дар вақти бо мошин сафар кардан ҳам ба эҳсос дода шуда, ба худ мегӯем шояд ин сафари охиринамон бошад.*

### АЗ САФАР БА РУСИЯ ХУДДОРӢ КУНЕД!

**Сафорати Тоҷикистон дар Русия ба шаҳрвандони кишвар тавсия додааст, ки муваққатан аз сафар ба Русия худдорӣ кунанд.**

Сафорат сабаби чунин даъваташро ба пурзӯр шудани назорат ҳангоми воруди шаҳрвандони хориҷӣ аз сарҳади Русия тариқи гузаргоҳҳои заминӣ ва ҳавоӣ рабт додааст.

Бояд гуфт, ки пас аз ҳодисаи ноҳуши ҳамла ба «Крокус Сити Холл» вуруди шаҳрвандони кишвар ба қаламрави Русия мушкил шуда, ихроҷи онҳо баякборагӣ афзуд.

Ҳамзамон, дар қонунгузории муҳоҷирати ин кишвар нисбат ба зодагони Осиёи Марказӣ, махсусан тоҷикон маҳдудиятҳои зиёд ҷорӣ шуд.

Ёдовар мешавем, ки қаблан вазоратҳои корҳои хориҷӣ ва меҳнату муҳоҷирати Тоҷикистон низ чунин дархостро аз шаҳрвандон карда буданд.

Он замон онҳо гуфта буданд, сокинон бинобар сабаби пеш омадани мушкилот дар марз ҳангоми вуруд ба қаламрави ин кишвар дучори мушкил мешаванд, бинобар ин, бидуни зарурат ба сафар нараванд.

### АЗ САФАР БА БЕЛОРУС ХУДДОРӢ КУНЕД!

Дар пайи дархости Сафорати Тоҷикистон дар Русия ҷиҳати муваққатан худдорӣ кардани шаҳрвандони кишвар аз Русия бо далели пурзӯр шудани назорат ҳангоми воруди шаҳрвандони хориҷӣ аз сарҳад тариқи гузаргоҳҳои заминӣ ва ҳавоӣ, Сафорати Тоҷикистон дар Белорус ҳам хост, ки шаҳрвандон ба ин кишвар нараванд.

Бинобар пурзӯр гардидани низоми назорати воруди шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Беларус тавассути убури сарҳади давлатӣ бо истифода аз гузаргоҳҳои ҳавоӣ, Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Беларус ба шаҳрвандони кишвар тавсия дод, ки муваққатан аз сафар ба Ҷумҳурии Беларус худдорӣ намоянд.



# ҲАМЛАИ ДРОНҲО БА МОСКВА

**Шаби 10-уми сентябр ба чанд бинои истиқоматии баландошёна дар шаҳри Раменскоеи вилояти Маскав ҳавопаймоҳои бесарнишин ё дронҳо бархӯрданд ва дар натиҷаи сӯхтори баамаломада як зани 46-сола ҷон дод.**



Мақомоти Русия дар ин кор Украинаро гунаҳгор карданд.

"Илова ба ин, чор нафар осеб дидаанд",- гуфт волии Подмосковйе Андрей Воробев. Ба гуфтаи ӯ, аз 102 хона дар ин бино 54 ададаш осеб дидааст. Боз як пахпод дар баландошёнаи дигаре дар Раменское ба як манзили дигар осеб расонидааст.

Шабакаҳои иҷтимоӣ аз ду ҳамлаи дигари эҳтимолии пахпод хабар додаанд. Ғайр аз ин, 9 ба 10-ум фурудгоҳи Жуковский дар вилояти Маскав мавриди ҳамла қарор гирифт ва дар пайи ин фурудгоҳ муваққатан баста ва нишасту парвози ҳавопаймоҳо манъ шуд.

Бо далелҳои амниятӣ фурудгоҳҳои Внуково ва Домодедово ҳам як муддат аз қабулу гусели парвозҳо худдорӣ карданд.

Воробев гуфтааст, ки пахподҳоро дар шаҳрҳои дигари вилояти Маскав - Подолск, Люберти, Домодедово ва Коломна ҳам нобуд карданд.



**ВЕДОМОСТИ** **Дар Русия ба далели манъи муҳоҷирон дар кори таксӣ то охири сол 130 ҳазор ронандаи таксӣ намерасад. Ин пешгӯиро Антон Петраков кардааст.**

Петраков, ки директори умури ҳукумати "Яндекс Go" аст, дар Форуми иқтисодии шарқӣ (EEF) гуфтааст, ҳоло дар 27 минтақаи Русия муҳоҷирон наметавонанд ба таксиронӣ машғул шаванд. Ба қавли ӯ, ин аз ҷумла ба пурзӯр шудани сиёсати муҳоҷират ва танзими таксиҳо вобаста аст.



**BBC** **Аз оғози ҷанги Русия ва Украина ҳадди ақал беш аз 68 ҳазор нафар ҳарбиён, аз ҷумла беш аз 13 ҳазор ихтиёрӣ аз тарафи Русия кушта шудаанд. Миёни кушташудагон 51 нафарашон шаҳрвандони Тоҷикистон мебошанд.**

Ин оморро як таҳқиқоти бахши русии “Би-Би-Си” ва “Медиазона” дар асоси иттилоот аз манбаъҳои боз (навиштаҳо дар ВАО, паёмҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва хешовандони фавтидагон ва ғайра) муайян намудааст. Тибқи ин таҳқиқот 47 нафар аз Ӯзбекистон ва 26 шаҳрванди Қирғизистон низ қурбони ин ҷанг шудаанд.



**Deutsche Welle** **Корбарон дар Русия шикоят доранд, ки дигар наметавонанд бо рақамҳои ширкатҳои мобилии русӣ дар “Гугл” саҳифа ё аккаунти нав боз кунанд.**

Хабарнигорон дар Русия талош карданд бо рақамҳои мобилии ин кишвар, ки бо рамзи +7 оғоз мешаванд, дар “Гугл” саҳифа кушоянд. Вале паёме гирифтанд, ки сабти ном бо ин рақамҳо ғайриимкон аст. Ба гуфтаи корбарон, ин мушкил дар рақамҳои ҳама ширкатҳои мобилии Русия ҷой дорад. Ширкати “Гугл” дар бораи чунин маҳдудият хабар надодааст.

# ПОЙТАХТИ ЭРОН МЕКӮЧАД?

فارس

**Раисҷумҳури Эрон Масъуди Пизишкиён эълон кард, ки Теҳрон ба унвони пойтахти кишвар бо мушкилоте даст ба гиребон аст ва ҳеҷ роҳи ҳал ҷуз интиқоли марказ вуҷуд надорад.**

“Тавсеаи кишвар бо идомаи раванди феълӣ имконпазир нест, ин ки бихоҳем ҳамчунон манобеи аввалияро аз ҷануби кишвар ва дарё ба марказ биёрем ва табдил ба махсул кунем ва дубора барои содирот ба ҷануб бифиристем, ба шиддати тавон рақобати моро мустаҳлак карда ва коҳиш медиҳад; чорае надорем ҷуз ин ки марказияти иқтисодӣ ва сиёсии кишварро ба ҷануб, наздики дарё мунтақил кунем”,- изҳор дошт Пизишкиён.

Вай ёдовар шудааст, ки Теҳрон ба унвони пойтахти кишвар бо мушкилоте даст ба гиребон аст, ки ҳеҷ роҳи ҳал ҷуз интиқоли марказ вуҷуд надорад.

“Камбуди об, нишасти замин, олудагии ҳавову амсоли он бо тадовуми сиёсатҳо ва иқдомоте, ки то ба ҳол иттихозу иҷро шудаанд, фақат ташдид шуда ва роҳи ҳалли асосии ҷобаҷоии марказияти сиёсӣ ва иқтисодии кишвар аст”,- қайд кард ӯ.



Ҳамзамон, ӯ таъкид кард, ки пас аз интихоби маркази нави пойтахт, тамоми шуъбаҳои давлатӣ ба он ҷо интиқол дода мешаванд ва пас аз он ба сокинони Теҳрон имкони кӯчидан ба пойтахти нави ҷумҳурӣ дода мешавад.

# ҚИРҒИЗИСТОН ТОЛИБОНРО АЗ РӮЙХАТИ МАМНУЪ БЕРУН КАРД

ТАСС

**Қирғизистон тасдиқ кард, ки Толибонро аз рӯйхати созмонҳои мамнуъ дар ин кишвар берун кардааст.**



Вазорати корҳои хориҷаи Қирғизистон бо интишори як баёния гуфт, ки ин тасмим "баъди баррасии дақиқ ва арзёбии ҳамаҷонибаи мақомоти салоҳиятдори давлатии кишвар" гирифта шудааст.

"Ҳадафи ин тасмим таҳкими суботи минтақавӣ ва идомаи гуфтугӯҳо аст. Ҷумҳурии Қирғизистон ҷонибдори саъю кӯшишҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷиҳати таъмини муҳити орому осоишта дар Афғонистон ва дар маҷмӯъ дар минтақа боқӣ мемонад", - омадааст дар баёнияи ВКХ Қирғизистон.

Бояд гуфт, ки Қирғизистон аввалин кишваре нест, ки "Толибон"-ро аз феҳристи созмонҳои мамнуъ дар кишвараш хориҷ кардааст. Қаблан моҳи декабри соли 2023 Қазоқистон ин гурӯҳро аз рӯйхати ташкилотҳои мамнуъ дар кишвар хориҷ кард.

# МАНСАБИ НАВИ ДОМОДИ ПРЕЗИДЕНТ

**Отабек Умаров, домоди хурдии президенти Ӯзбекистон муовини президенти Шӯрои олимпии Осиё дар минтақаи Осиёи Марказӣ интихоб шудааст.**

Ҷаласаи 44-уми Маҷмаи умумии шӯро чанде қабл дар шаҳри Ню-Деҳлӣ баргузор гашт ва дар он Раҷа Рандхир Сингхро президенти шӯро ва Умаровро муовини ӯ интихоб карданд.

Вазифаи муовини президенти Шӯрои олимпии Осиё дар минтақаи Осиёи Марказӣ, ки ба он Туркманистон, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Эрон ва Афғонистон шомиланд, рушди арзишҳои олимпӣ ва варзиш дар ин кишварҳо мебошад.

Отабек Умарови 40-сола соли 2007 бо Шаҳноза Мирзиёева, духтари хурдии Шавкат Мирзиёев оила барпо кард.

# ИСТЕЪФОИ ПРЕЗИДЕНТИ БОР



**Президенти Бонки Осиёии Рушд аз мақомаш истеъфо дод. Дафтари матбуоти БОР 9-уми сентябр эълон кард, ки Масатсугу Асакава охири моҳи феврали соли 2025 аз мақомаш меравад.**

Асакава аз аввали соли 2020 мудири Бонки Осиёии Рушд буд.

БОР яке аз ниҳодҳои молии ҷаҳонӣ аст, ки ба Тоҷикистон қарзу грантҳои зиёд медиҳад. Аз ҷумла Бонки Осиёии Рушд моҳи августи имсол эълон кард, ки барои навсозии неругоҳи «Сарбанд» ба Тоҷикистон 71 миллион доллар грант ё маблағи бебозгашт ҷудо мекунад.

# ТАҲСИЛ ДАР ХОРИҶА

## Имконот ва мушкилот

**Тибқи иттилои Вазорати маориф ва илми ҷумҳурӣ дар ҳоли ҳозир зиёда аз 41,2 ҳазор шаҳрвандони кишвар берун аз Тоҷикистон таҳсил мекунанд.**



Аз теъдоди умумии донишҷӯёни машғули таҳсил дар хориҷа бештарашон - 33 ҳазору 178 нафар дар Федератсияи Русия ба хондан машғуланд. Ба сегонаи аввали кишварҳо Чин - 2 ҳазор 900 донишҷӯ ва Қазоқистон - 970 донишҷӯ шомил мешаванд. Боқимонда илмомӯзон дар кишварҳои Туркия, Амрико, Қазоқистону Ӯзбекистон, Ҷопон ва дигар мамлакатҳо таҳсил доранд.

### Вазъи донишҷӯён дар Русия

Донишҷӯёни тоҷик бо чанд роҳ ба донишгоҳҳои кишварҳои хориҷа дохил мешаванд. Қисми аввал тариқи маркази “Дурахшандагон”, қисми дувум ба воситаи бурсҳои омӯзишӣ, қисми сеюм мустақил ба макотиби олии кишвари дигар имтиҳон месупоранд.

Тавре ишора намудем, бештари донисҷӯёни тоҷик, ки дар хориҷи кишвар қарор доранд, дар макотиби олии Федератсияи Русия таҳсил мекунанд.

Тавре маълум аст, баъди қазияи “Крокус” муносибат бо муҳоҷирони тоҷик дар Русия сард шуд. Вале Ёқуб, яке аз донишҷӯҳои тоҷике, ки дар Русия таҳсил мекунад, аснои суҳбат иброз дошт, ки “муносибати мардуми рус нисбат ба мо хуб аст, ин ҷо айб пеш аз ҳама дар худи мост, чун ба қонунҳои ин кишвар амал намекунем. Вақте ин гуна рафтор мекунем, албатта моро ҳар гуна мепиндоранд. Баъд аз «Крокус» тамоман”.

Ба таъкиди мавсуф, вазъи маориф дар ин ҷо нисбатан беҳтар аст: “Дар мактабҳо бе ягон маблағи зиёдативу даводавҳо имтиҳонро месупорӣ, ҳатто метавонӣ ба тариқи онлайн бисупорӣ. Муаллимон дастгирӣ мекунанд, муносибаташон хуб аст. Умуман, ҳама чиз аз саводу рафтори донишҷӯ вобаста аст. Лекин ман дар макотиби худамон инҷунин дастгириро ҳеҷ надидам. Яъне инҷо савод ба кор меояд, дониш бошад, мегузарӣ. Ҳама кор бо пул ҳал намешавад”.

Бештари донишҷӯёни тоҷик мегӯянд, ки таҳсил дар Русия аз он ҷиҳат бартарӣ дорад, ки онҳо метавонанд барои худ шуғл низ пайдо кунанд.

“Барои дастгирии донишҷӯён як барнома мавҷуд аст, метавонӣ аз рӯйи ихтисосат кор пайдо намоӣ. Яъне бе кор намемонӣ. Лек, азбаски донишҷӯ ҳастӣ, масалан аз 100 фоиз 40 фоизи ҳақи корро мегирӣ. Ин як навъи кумак ба донишҷӯён аст аз тарафи Русия”,- мегӯяд ҳамсуҳбати дигари мо Аслан, ки давоми як соли охир дар Русия кору таҳсил дорад.

### Амалия бештар аст, на назария…



Илмомӯзи дигар Умедҷон Амонӣ, ки таҳсили дуюми хешро дар Туркия гирифтааст, дар бораи бартарии таҳсил дар хориҷи кишвар мегӯяд: “Аслан омӯзиши илмҳои замон барои ҷавони муосир як қувваи пурҷозибаи рӯзмарраи айём маҳсуб меёбад. Омӯхтан хуб аст, вале ҳамқадами замона будан - ин боз як падидаи дигар. Хуб аст, ки мо низ пайи иҷрои рисолати имрӯзини хеш ба қитъаи Аврупо раҳсипор гардида будем. Шаҳри Истамбул як шаҳри азимеву пур аз одамони нажоду миллатҳои гуногун аст. Мо хеле чизҳоро он ҷо дидем, омӯхтем. Самти мо соҳаи ҳуқуқ буд ва бо стандарти байнулмилал сабақ мегирифтем. Лек ягона норасоие, ки банда даркаш намудам, ин ихтиёран ва бо саводи миёнаи нокифоя роҳ пеш гирифтани қисме аз ҷавонон ба шаҳрҳои бузурги аврупоӣ баҳри таҳсил аст, ки метавонад онҳоро ба саргардонӣ оварда расонад”.

Саидамир Боқиев, муҳассили курси чоруми АИНПҶТ, ки дар Қазоқистон таҳсил намудааст, аз низоми таҳсил дар ин кишвар ва ҷузъиёти дигари мавзӯъ бароямон тавзеҳ дод: “Соли 2022 вақте мо курси дуюм мехондем, барои таҳсил ва касби таҷриба ҳамчун табодул ба кишвари Қазоқистон барои таҳсил дар риштаи ҳуқуқшиносӣ равона шудем. Мо он ҷо тӯли як семестр (нимсола) таҳсил намудем. Шароитҳо хуб буданд, аммо хароҷот ва дигар масрафҳо барои хӯрок, роҳкиро аз ҳисоби худамон буд. Мо дар Донишгоҳи байналмилалии авруосиёгии ба номи Л. Н. Гумилёв таҳсил мекардем, ки яке аз муассисаҳои олии бонуфузи Қазоқистон ва ҷаҳон мебошад. Дар раванди таҳсил мо бештар дар амалия кор мекардем, фарқияташ аз мо дар он мебошад, ки 30 дарсад теория, яъне назария буду 70 дарсад амалия. Ин барои азхудкунии касб хело ҳам муфид аст. Муносибати мардуми Қазоқистон, махсусан мардуми шаҳри Остона дарвоқеъ хуб аст, яъне як фазои озодро мемонад, ки он ҷо касе ба касе кор надорад”.

### Дониш дар мадди аввал аст, на сарулибос



Омӯзгор Азиз Иброҳим, ки аз ҳолати таҳсил дар хориҷи мамлакат огаҳ аст, дар суҳбат бо мо қайд намуд, ки фарқи асосии таҳсили хориҷа аз мо дар озод будани илмомӯзон аснои дарсҳо мебошад: “Масалан мо дар чанд кишвари хориҷа будем, вақте бо донишҷӯёнашон вомехӯрдем ё аз рафти дарсҳояшон дидан мекардем, онҳо тамоман дар як фазои озод таҳсил мекарданд. Бо либоси озод ба дарс ҳозир мешуданд ва бештар дар амалия кор мекарданд. Яъне ин кишварҳо донишро дар дараҷаи аввал мегузоранд, на сарулибосро. Вақте донишҷӯ озод набошад, аз куҷо дар ӯ шавқи таҳсил ё ин ки омӯхтан пайдо мешавад?».

Ба гуфтаи ин омӯзгор, дарсҳои вобаста ба ихтисос дар хориҷ нисбат ба дарсҳои ғайриихтисосӣ зиёдтар мебошанд, ки ин ба донишҷӯён имкон медиҳад, то нозукиҳои соҳаи интихобкардаашонро ба пуррагӣ омӯзанд.

“Масалан, агар ихтисоси донишҷӯ муҳандис бошад, ӯ бояд бештар дарсҳои ба соҳаи худаш заруриро омӯзад. Агар мо донем, ки дар макотиби олӣ фанҳо куллан тағйир меёбанд, ин гапи дигар, аммо барномае, ки дар мактаби миёна мехонанд, аксар ҳамонҳоро мегузаранд. Агар дар кишвари мо низ аз ин методҳо кор гирифта шавад, ҳамзамон таъмини моддию техникӣ ва ашёҳои вобаста ба самти тахассус иҷро гардад, он гаҳ донишҷӯ ба таҳсил шавқу рағбати бештар пайдо мекунад”,- мегӯяд Азиз Иброҳим.

**Беҳрӯз САЙФУЛЛОЕВ,**
**рӯзноманигор**



**Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев қарор дар бораи тағйиру иловаҳо ба созишнома бо Тоҷикистон дар бораи соддагардонии транзити ҳамлу нақли бор тавассути қаламравҳои ду кишвар бидуни муҷаввизро ба имзо расонд.**

Матни санад дар сомонаи пойгоҳи қонунгузории миллии ин кишвар нашр шудааст. Тибқи протокол, убури транзитии нақлиёти боркаш аз қаламрави ҳарду давлат бидуни муҷаввиз ё иҷозатнома сурат мегирад.



**Дар 8 моҳи соли равон гардиши мол миёни Тоҷикистону Русия 17% афзоиш ёфт. Русия дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон аз авлавият бархӯрдор аст.**

Ин нуктаро Сафири Тоҷикистон дар Русия Давлатшоҳ Гулмаҳмадзода зимни маросими ҷашни Истиқлоли давлатии Тоҷикистон дар шаҳри Москва таъкид кард. "Русия дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон аз авлавият бархӯрдор аст, ба ин таърихи муштарак, фарҳанг ва манфиатҳои кишварҳои мо кумак мекунанд”, - гуфт Д. Гулмаҳмадзода.




**“Қонуни тиб” - шоҳасари Абӯалӣ ибни Сино дар Озмуни XXI байналмилалии “Санъати китоб”-и давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил соҳиби Шоҳҷоиза шуд. Дар умум,ноширони Тоҷикистон 12 мақоми ифтихорӣ ба даст оварданд.**

Натиҷаи ин озмуни байналмилалӣ 6-уми сентябр дар шаҳри Москва эълон шуд ва ғолибон қадрдонӣ гардиданд. Ҳамин тавр, Шоҳҷоизаи озмунро китоби “Қонуни тиб”-и Абӯалӣ ибни Сино, ки дар як муҷаллади бузурги хуштарҳ бо хати сириллик тавассути Энсиклопедияи миллии тоҷик нашр гардид, сазовор шудааст.

# АЗ ПЕШВО ИБРАТ ГИРЕД!

## Чаро ба фарзандонамон номи тоҷикӣ намегузорем?



*Партав ШАРИФЗОДА, омӯзгори собиқадор, ноҳияи Восеъ*

**Агар ном ҳам як ҷузъи фарҳанги мо тоҷикон бошад, пас чаро ба фарзандонамон номҳои суннатии худро намегузорем?**

Ё ба фарзандон гузоштани номҳои то истилои араб доштаамон гуноҳ ҳисобида мешавад? Номҳои арабие, ки мо ба кӯдакони худ медиҳем, ба дини ислом робитае надоранд. Ин номҳои ҳамон арабҳои саҳронишини пеш аз исломанду халос.

Чаро аз номҳои қаҳрамонҳои «Шоҳнома», ки Фирдавсӣ ба онҳо гузоштааст ва дар навбати худ ҳамаи онҳо далеру шуҷоъ, ҳимоятгари марзу буми кишвари худ, гузашта аз ин, худошиносу яздонпараст буданд, истифода набарем?

Дар омади гап, бояд гуфт, ки чанд соле пеш рӯзноманигоре дар яке аз кӯчаҳои шаҳри Душанбе бо меҳмони эронинажоди аз Ғарб омада ҳамсуҳбат шуда, ба ӯ савол дод, ки имрӯзи Тоҷикистону Душанберо чӣ гуна дарёфтед? Ӯ аз оромию осудагии Тоҷикистону пойтахташ изҳори қаноатмандӣ намуда, аз ҳамсуҳбаташ пурсид, ки тоҷикон номҳои тоҷикона надоранд, ҳар киро, ки пурсӣ, номаш арабист.

Дар китоби «Феҳристи номҳои тоҷикӣ» (Душанбе. Истеъдод, 2016) омадааст, ки «феҳристи номҳои миллии тоҷикӣ эҳёи арзишҳои маънавӣ ва сарватҳои бебаҳои таъриху фарҳанги миллӣ тавассути забони миллӣ, инчунин номгузории суннатҳои тоҷикӣ мебошад».

Муроди тартибдиҳандагони ин дастурамал эҳёи арзишҳои маънавӣ бошаду ном ҳам ба ин арзишҳо дохил шавад, пас номи имрӯзаи тоҷикон аз номҳои аҷнабиён чӣ фарқияте дошта бошад?

Муаллифони ҳуҷҷати номбурда ибораи зебои «эҳёи арзишҳои маънавӣ"-ро хеле моҳирона оварда, навишта, истифода кардаанд. Ба маънои луғавии калимаи эҳё агар назар андозем, мебинем, ки ин калима дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ба маънохои аз нав зинда гардонидан ва ҳаёт бахшидан омадааст. Модоме, ки эҳё маънои зинда карданро дошта бошад, чаро дар феҳристи номҳо зиёди номҳои мо тоҷикон номҳои арабиянд?

Оё вақташ нарасидааст, ки номҳои то истилои араб доштаамонро ба фарзандон гузошта, ба онҳо умри дубора диҳем?

Қазоват кунед, ки аз 1362 номи занонаи дар феҳрист омада ҳамагӣ тахминан 463 номи тозаи арабӣ ва қисми зиёди номҳои боқимонда номҳои мураккаби решаи арабӣ дошта мебошанд.

Аз 3360 номи мардонаи дар феҳрист ҷойдошта тахминан 543 номи тоҷикӣ дида мешаваду халос. Аз кӣ ва аз чӣ меҳаросем? Оё замоне нарасидааст, ки оҳистаоҳиста ба фарзандон номҳои то Ислом доштаашонро гузошта, онҳоро аз нав эҳё намоем?

Агар мо тоҷикон ва аҳли зиёи ин миллат то истиқлолияти комили худододи тоҷикон аз чизе дар ҳарос будем, ҳоло чӣ? Аз онҳое, ки бесаводу гумроҳ ва бегонапарастанд?

Банда низ аз охири солҳои 70-уми асри гузашта сар карда, рӯ ба гузоштани номҳои тоҷикона оварда будам. Аввал ба духтари бародарам Рухшона, баъдтар ба писаронам Шаҳриёр, Искандиёр, Каюмарс ва Ардашер ном гузошта, ба наберагон Фархунда, Ноҳида, Маҳваш, Симин, Нӯшозар, Бахман, Шопур ва Хурмуз ном гузоштаам.

Нашунидаам, ки касе ба номҳои ба фарзандон ва наберагон гузоштаи мо айбе монда бошад. Танҳо муаллими синфи якуми Каюмарс аз надонистан дар дафтари синф ӯро Қаюмарс навишта буд. Гоҳо диҳандагони шаҳодатномаҳо ҳам дилзанӣ мекунанд.

Дар фаровардӣ ин андешаҳо (шояд ба бисёриҳо писанд набошанд) мехостам доир ба як ғазали оливу хушоҳанги шоираи шинохтаи кишвар - Меҳринисо чанд ҷумлае гуфта бошам.

**Шоира дар ғазале гуфтааст:**

*Ман намозамро ба номат*
*мегузорам тоҷикӣ,*
*Ифтихорам тоҷикӣ, дору*
*надорам тоҷикӣ.*

**Ва матлаи:**

*Аҳли Сомонам, мусулмонам,*
*имонам комил аст,*
*Аз худои меҳрубон*
*умедворам тоҷикӣ.*

Хуб мешуд, агар шумораи байтҳоро давом дода, дар мисраи дуюми байте (мазмунан) мисрае монанд ба Тоҷикаму номакамро мегузорам тоҷикӣ менавиштанд, ки ин вазни қофияи ғазалро халалдор намекард.

Албатта соҳибқалам асту мухтор, чӣ навъе, ки лозим донад, эҷод мекунад, мухтоҷи маслиҳати мо нест.

Агар рафту «Номакамро мегузорам тоҷикӣ» мегуфт, ин як ҳушдоре ба номгузории мо тоҷикон мешуд.

Хонандаи азиз гумон набарад, ки муаллифи ин гуфтаҳо ба дини мубини ислом нотавонбиние ё ғарази манфӣ дошта бошад.

Ман ҳам мисли падару бобоён ва модару модаркалонҳоям мусулмонаму ба қавли шоира Меҳринисо «Имонам комил аст».

Лозим шуморидем аз «Шоҳнома» номҳоеро пешниҳод кунем, ки шоир ба қаҳрамонҳояш гузоштааст. Ин номҳо интихобӣ буда, аз нашрҳои гуногуни «Шоҳнома» гирифта шудаанд, ки 260 ададро фаро гирифтааст.

**PRESSA.TJ**

### ИФТИХОРИ МИЛЛИАМОН ДАР СУХАН АСТ Ё ДАР АМАЛ?

Биёед, чун Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба фарзандон номҳои тоҷикӣ гузорем ва нишон диҳем, ки дар ҳақиқат пайрави он касем.

Бубинед, ки Ҷаноби Олӣ чӣ номҳои зебои тоҷиконае ба фарзандонашон гузоштаанд:

1.ОЗОДА - ба маънои сахӣ, дасткушод.

2.ТАҲМИНА - қаҳрамони "Шоҳнома".

3.РУХШОНА - рӯй, гуна, рухсора.

4.ПАРВИНА - номи чанд ситорае, ки дар як ҷо ҷамъ шудаанд.

5.ЗАРРИНА - зар, тило.

6.ФАРЗОНА - донишманд, оқил.

7.РУСТАМ - ҳомии Эрон.

8.СОМОН - ташкилкунандаи давлати ягонаи тоҷикон.

**PRESSA.TJ**

*Ба таваҷҷуҳи Кумитаи забон ва истилоҳот*

### ХАТ ҒАЛАТ, ИМЛО ҒАЛАТ, ИНШО ҒАЛАТ...

Қазоват кунед, ки аз 1362 номи занонаи дар «Феҳристи номҳои тоҷикӣ» (таҳияи Кумитаи забон ва истилоҳот) омада 463 номи тозаи арабӣ ва қисми зиёди номҳои боқимонда номҳои мураккаби решаи арабӣ дошта мебошанд. Аз 3360 номи мардонаи дар феҳрист ҷойдошта тахминан 543 номи тоҷикӣ дида мешаваду халос.

**НОМҲОИ ИНТИХОБАН АЗ «ШОҲНОМА» ГИРДОВАРДА ИНҲОЯНД:**

**А.**

*Қисми 1*
1. Армоил (саҳ. 69)
2. Арнавоз (саҳ. 69)
3. Афросиёб (саҳ. 391)

*Қисми 2*
4. Аҷнос (саҳ. 9)
5. Аржанг (саҳ. 60)
6. Авлод (саҳ. 70)
7. Алкус (саҳ. 185)

*Қисми 3*
8. Андаремон (саҳ. 123)
9. Ағрурас (саҳ. 190)
10. Арҷосп (саҳ. 123)

*Қисми 4*
11. Алво (саҳ. 137)
12. Ашкбус (саҳ. 123)
13. Аквон (саҳ. 175)

*Қисми 5*
14. Ашк (саҳ. 12)
15. Аҳвос (саҳ. 151)

*Қисми 6*
16. Аҳрон (саҳ. 47)
17. Ардашер (саҳ. 73)

*Қисми 7*
18. Амурия (саҳ. 16)
19. Андимон (саҳ. 549)
20. Ануша (саҳ. 317)

*Қисми 8*
21. Аштод (саҳ. 159)
22. Араз (саҳ. 239)

**Б.**

*Қисми 1*
1. Беварасп (саҳ. 58)

*Қисми 2*
2. Барзин (саҳ. 26)
3. Баҳром (саҳ. 37)

*Қисми 3*
4. Бежан (саҳ. 378)
5. Барта (саҳ. 387)
6. Борман (саҳ. 477)

*Қисми 4*
7. Бевард (саҳ. 80)

*Қисми 5*
8. Барзулло (саҳ. 280)

*Қисми 6*
9. Башутан (саҳ. 94)
10. Беҳзод (саҳ. 120)
11. Баҳман (саҳ. 155)
12. Беҳофарид (саҳ. 174)
13. Буроб (саҳ. 22)

*Қисми 7*
14. Бобак (саҳ. 173)
15. Баром (саҳ. 293)
16. Баронуш (саҳ. 286)
17. Беҳрӯз (саҳ. 525)

*Қисми 8*
18. Балош (саҳ. 9)
19. Бузургмеҳр (саҳ. 155)
20. Бору (саҳ. 351)
21. Бузургмеҳр (саҳ. 453)
22. Буроб
23. Борбад (саҳ. 306)

**В.**

*Қисми 1*
1. Виса (саҳ. 3)
2. Варозод (саҳ. 254)

**Г.**

*Қисми 1*
1. Гаршосп (саҳ. 164)
2. Густаҳм (саҳ. 405)

*Қисми 2*
3. Гашвод (саҳ. 265)
4. Гев (саҳ. 37)
5. Гурган (саҳ. 37)
6. Гударз (саҳ. 37)
7. Гуроза (саҳ. 172)
8. Гуразм (саҳ. 177)
9. Гаждаҳам (саҳ. 215)
10. Гурдофарид (саҳ. 215)
11. Гулбод (саҳ. 390)

*Қисми 3*
12. Гарсеваз (саҳ. 8)
13. Гулшаҳр (саҳ. 133)
14. Гурӯй (саҳ. 210)

*Қисми 4*
15. Гуштосп (саҳ. 9)
16. Гиромӣ (саҳ. 110)

*Қисми 5*
17. Гулнор (саҳ. 184)

*Қисми 6*
18. Гав (саҳ. 307)
19. Гушасп (саҳ. 381)

*Қисми 7*
20. Гурдӯй (саҳ. 16)
21. Гурдия (саҳ. 44)
22. Гашнӯш (саҳ. 348)

**Ғ.**

*Қисми 1*
1. Ғотифор (саҳ. 220)

**(Давомаш дар саҳ.13)**

# АЗ КӮЛОБ ТО ПАРЛУМОН

## Роҳи тайкардаи дӯсти бунёдкорам Худойқул Ҳамроқулов

**6-уми августи соли ҷорӣ яке аз шахсиятҳои шинохтаи даврони мо ва дӯсти ман Худойқул Ҳамроқулов аз олам даргузашт.**



*Кормандони Кумитаи бехатарии давлатӣ дар вилояти Кӯлоб, солҳои 80-ум*

Ин талафоти калон на танҳо барои оилаи ӯ, хешовандон ва дӯстон, балки барои ҳамаи онҳое буд, ки дар тӯли умраш бо ӯ ҳамнишину ҳамсуҳбат буданд. Ӯро дар ҷумҳурӣ ҳамчун шахсият ва арбоби давлатӣ мешинохтанд ва эҳтиром мекарданд. Ҳамроқулов бо ростқавлӣ, ҳақпарастӣ ва муносибати хубаш бо одамон маъруф буд.

Мо охири соли 1980, вақте ки ман ба вазифаи роҳбари идораи Кумитаи бехатарии давлатӣ (КБД) дар вилояти Кӯлоб таъин шудам, бо ҳам шинос шудем. Раиси КБД Тоҷикистон Евгений Иванович Первенсев ҳангоми муаррифии ман ба ҳайат диққати махсусро ба тақвияти интизом, беҳтар кардани фазои ахлоқӣ-руҳонӣ ва кор бо кадрҳо равона кард, зеро минтақаи мо дар сарҳад бо Афғонистон - кишвари дар ҳолати ҷанг қарордошта ҷойгир буд.

Пас аз шиносоӣ бо ҳайати шахсӣ, дарк кардам, ки дар идораи амнияти вилояти Кӯлоб кадрҳои шоиста ва касбӣ зиёданд. Ҳайат аз миллатҳои гуногун - русҳо, украинҳо, ӯзбекҳо, тоторҳо ва тоҷикон аз тамоми минтақаҳои кишвар иборат буд. Ҳангоми муаррифии ҳайат, ман бо Ҳамроқулов Худойқул Ҳамроқулович шинос шудам. Ӯ соли 1971 ба Кумитаи давлатии амният шомил шуда, аввал дар дастгоҳи марказӣ, аз ҷумла ду сол ҳамчун муҳофизи Котиби якуми КМ Ҳизби коммунисти Тоҷикистон Расулов Ҷаббор Расулович кор кардааст. Баъд ба кори оперативӣ гузашт ва аз августи соли 1974 дар мақоми роҳбарии кадрҳои идораи КБД дар вилояти Кӯлоб фаъолият дошт.

Аз ҳамон замон ман масъулиятшиносӣ ва вижагиҳои шахсии Ҳамроқуловро эҳсос карда будам. Ӯ дар он вақт 32-сола буд, ман 42-сола ва синни миёнаи кормандон 26-30 солро ташкил медод. Ҳарчанд масъулияти калоне дар самти кор бо кадрҳо дошт, Ҳамроқулов дар корҳои ҷамъиятӣ ва тарбиявии ҳайат низ фаъолона иштирок мекард. Бо сабаби зиёд будани кор, ӯ аксар вақт то дер дар идора мемонд. Боре ба ӯ пешниҳод кардам, ки якҷо ба хона равем, зеро мо ҳамсоя будем, аммо ӯ то анҷоми кори ҳаррӯзааш идораро тарк намекард.

Аз парвандаи шахсӣ дарёфтам, ки ӯ ҳангоми хизмати ҳарбӣ дар амалиётҳои ҳарбии Артиши Шӯравӣ дар Венгрия ва Чехословакия иштирок карда буд. Ин сабаби афзудани эҳтироми ман нисбат ба ӯ гашт.



*Дар акс: Мухтор Шарифов, Баҳодур Абдуллоев, Худойқул Ҳамроқулов, Давлат Мамадризобеков ва Роман Лисачев*

Феврали соли 1981 Ҳамроқулов ба мақоми муовини раис таъин шуд ва аз ноябри соли 1984 ба мақоми муовини раиси идораи КАД дар вилояти Кӯлоб таъин гардид. Мо қариб ҳар рӯз вобаста ба кор бо ҳам мулоқот мекардем. Ӯ кори худро бо масъулият анҷом медод ва барои тамоми ҳайат намуна буд. Дар давоми корам дар Кӯлоб, ягон рӯзе набуд, ки вай вақти худро беҳуда сарф карда бошад ё ба машғулияти ҳарбӣ-ҷисмонӣ наомада бошад. Кормандон аз ӯ ибрат мегирифтанд.

Бо ташаббуси ӯ дар назди идораи мо гармхона бунёд шуд, ки дар он сабзавот парвариш мекардем. Ӯ бори аввал дар Кӯлоб парвариши дарахти лимуро ба роҳ монд. Ҳамчунин бо ташаббуси шахсии ӯ минтақаи истироҳатӣ барои кормандон ва оилаҳои онҳо дар ноҳияи Ленинград (ҳозира Муминобод) бунёд гашт. Дар рӯзҳои истироҳат ҳайати идораро барои сохтмони ин минтақаи зебо ҷалб мекард.

Бо талошҳои ӯ, мо муносибатҳои кориро бо дигар органҳои ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла бо милиса ва сарҳадбонон ба роҳ мондем ва мусобиқаҳои варзишӣ баргузор менамудем. Тайёрии ҷангӣ низ ба сатҳи баланд расид. Машқҳои оперативӣ оид ба фаъолиятҳои оперативӣ-хизматӣ гузаронида мешуданд. Соли 1982 идораи мо дар тайёрии ҳарбӣ-ҷисмонӣ, ки сарварии он ба дӯши Худойқул Ҳамроқулович буд, дар ҷумҳурӣ ҷои аввалро ишғол кард, ҳарчанд идораҳои Ленинобод ва Қӯрғонтеппа аз рӯи шумораи кормандон ва басти корӣ ду баробар аз мо зиёдтар буданд. Мо инчунин дар мусобиқаҳои варзиши ҳарбӣ дар байни зергурӯҳи идораҳои КГБ СССР ҷои аввалро гирифтем ва ин мавкеъро то охири соли 1986 нигоҳ доштем.

Бо шарофати Худойқул Ҳамроқулович, мо дар интихоби кадрҳои маҳаллӣ ва ҷалби онҳо ба кор миёни органҳои амният пешравиҳои назаррас доштем. Дар давоми шаш соли кори мо, тақрибан 45 кормандӣ ҷавон аз сокинони вилоят ба хидмат дар органҳои давлатии амният ҷалб шуданд, ки беш аз нисфи онҳо то ҳол фаъолият доранд. Индикаторҳои фаъолияти оперативӣ-хизматӣ низ беҳтар шуданд. Мақоми қисме аз кормандон баланд бардошта шуд, баъзе аз онҳо ҳатто ба дастгоҳи марказии КГБ ба кор даъват шуданд.

Бо назардошти вазъи ҳамондавра, тақрибан 30 фоизи ҳайати оперативӣ барои кумак ба Афғонистон сафарбар шуд. Ҳамаи онҳо бо мукофотҳои баланди ҳукумати СССР ва Афғонистон кадрдонӣ гардиданд. Бисёре аз онҳо дар ҳимояи тартиботи конститутсионӣ ва таъсиси органҳои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол ширкат варзиданд. Худойқулов худ ветерани амалиётҳои ҷангӣ буд ва борҳо ба минтақаҳои марзии Афғонистон сафар кардааст.

Дар дигаргуниҳое, ки дар кори идораи вилояти Кӯлоб ба амал омаданд, Худойқулов нақши калидӣ дошт. Садоқат, ростқавлӣ ва хушмуомилагии ӯ фазои кориро ба сатҳи баланд бардошт. Ӯ ҳамеша бо ҷӯшу хурӯш ба кор шуруъ мекард ва дигаронро низ аз дунболи худ мебурд. Ман ба ӯ боварии комил доштам ва ҳамеша дастгириашро эҳсос мекардам. Дар лаҳзаҳои душвор низ ӯ маро ҷасурона дастгирӣ мекард ва ман аз ӯ миннатдорам.

**(Давомаш дар саҳ.9)**

# ИСТЕҲСОЛ 72 БАРОБАР ЗИЁД

## Фишурдаи сафари Президент ба Суғд

**Аз 7 то 10-уми сентябри соли равон Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дар доираи сафари корӣ дар вилояти Суғд қарор дошт. Дар ҳошияи ин сафари серӯза бо иштироки Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон як қатор иншоот, аз ҷумла мактабу бемористон, кӯдакистон, корхонаву марказҳои хизматрасонӣ ба истифода дода шуданд, ки фишурдаи он манзури хонанда мегардад.**












### Гулистон

7-уми сентябр бо иштироки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар минтақаи саноатии шаҳри Гулистон ба фаъолияти Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Доруи Суғд", ки бо иқдоми соҳибкор Абдувалӣ Ҳоҷиев сохат шудааст, оғоз бахшида шуд.

"Маводи доруворӣ дар корхонаи нави саноатӣ бо истифода аз меваю сабзавот, гиёҳҳои шифобахши ватанӣ ва қисман аз ҳисоби воридоти ашёи хом истеҳсол карда мешавад", - иттилоъ медиҳад хадамоти матбуоти Президент. Дар корхонаи нав 30 номгӯи маҳсулоти тиббӣ истеҳсол мешавад.

Ҳамчунин, дар минтақаи саноатии шаҳри Гулистон "Корхонаи металлургии тоҷик" ифтитоҳ ёфт. Иншооти нави саноатӣ дар заминаи муносибатҳои дӯстона ва ҳамкории судманди Тоҷикистон бо Ӯзбекистон бунёд шудааст. Фаъолияти корхона ба истеҳсоли маҳсулоти сохтмонии прут ва арматура равона гардидааст. Иқтидори истеҳсолии он дар як сол 30 ҳазор тонна маҳсулотро ташкил менамояд.

Дар минтақаи саноатии шаҳри Гулистон корхонаи истеҳсоли нокили баркӣ ва лӯла (шланг)-и ҶДММ "Абдуллоев Саидбой" низ бо иштироки Сарвари давлат мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд.

Ин корхона аз ҷониби соҳибкор Саидбой Абдуллоев бунёд шудааст.

Дар ин коргоҳ то 30 намуд нокили баркӣ бо тавоноии аз 450 волт то 1 киловолт истеҳсол карда мешавад.

Дар шаҳраки Сирдарёи шаҳри Гулистон бошад, бинои нави маркази саломатӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд.

### Ашт

8-уми сентябр бо иштироки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар Маҷмааи ширкати "Саноати Ашт" корхонаҳои дӯзандагию ҷӯроббофӣ ва коргоҳи пойафзолдӯзӣ мавриди истифода қарор гирифтанд.

Корхонаи дӯзандагӣ бо вориду васлу насби 33 дастгоҳи муосир таъсис ёфтааст. Ҳаҷми истеҳсоли солонаи ҷӯроб дар корхонаи навтаъсиси ҶДММ "Саноати Ашт" беш аз 6 миллион ҷуфтро ташкил медиҳад. Ҳамчунин, дар ин рӯз ба фаъолияти корхонаи ресандагии ҶДММ "Саноати Ашт" расман оғоз бахшида шуд, ки бо саҳми соҳибкорони ватанӣ Зайналобидин Махсудҷонов ва Манзуралӣ Мамадҷонов бунёд шудааст.

Корхонаи парандапарварӣ ва фермаи чорвопарварии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Рахшона" бошад, баъди навсозӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шудааст.

### Хуҷанд

9-уми сентябр бо иштироки Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Хуҷанд биное нави шуъбаи тиббии Раёсати Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд мавриди истифода қарор гирифт. Бинои нав аз 4 ошёна иборат аст.

Дар маҳаллаи Темурмалики шаҳри Хуҷанд бошад, Сарвари давлат ба фаъолияти корхонаи дӯзандагии Тоҷикистону Корея - Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Ориён Ҷей Текстайл" шинос шуда, бароии бунёди марҳилаи дуюми корхона санги асос гузоштанд.

Дар корхона истеҳсоли маҳсулоти дӯзандагӣ, аз ҷумла шиму костюм, шимҳои ҷинс, либосҳои ҳарбӣ ва дигар навъҳои маҳсулоти дӯзандагӣ бо тарҳу услуби муосир ба роҳ монда шудааст.

Ҳамчунин, дар ҳамин маҳалла ба фаъолияти коргоҳи нави истеҳсоли гӯшти мурғ ва ҳасиби ширкати "Сайҳун" оғоз бахшида шуд.

Дар идома дар маҳаллаи Пахтакори шаҳри Хуҷанд ба фаъолияти маркази савдо ва хизматрасонии "Амид", дар шаҳри Хуҷанд ба фаъолияти ҶДММ Корхонаи инноватсионии «Само» оғоз бахшида шуд.

9-уми сентябр, дар рӯзи таҷлил аз 33-юмин солгарди Истиқлоли давлатӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маркази шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд ду корхонаи нави саноатӣ - ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуди "Ситораи тоҷ" ва "Лидер"-ро, ки ҳар ду дар як бино ҷойгиранд, мавриди истифода қарор доданд.

Корхонаҳои дӯзандагӣ дар доираи фазои мусоиди соҳибкорию сармоягузорӣ ва амалисозии ҳадафи чоруми миллӣ - саноатикунонии босуръати кишвар бунёд шуда, 900 нафар дар ду баст бо кор таъмин гардидаанд.

### Конибодом

10-уми сентябр дар шаҳри Конибодом бо иштироки Президенти мамлкат Эмомалӣ Раҳмон корхонаи бандубасти меваи хушки "Неруи Канд" мавриди истифода қарор дода шуд. Корхонаи мазкур аз ҷониби соҳибкор Наврӯз Юсуфов бунёд шудааст. Самти фаъолияти ин корхона коркард ва бандубасти зардолуи хушки бедонак буда, иқтидори истеҳсолиаш ҳазор тонна дар як сол мебошад.

Ҳамчунин, Президенти кишвар бо чараёни корҳои сохтмонӣ дар роҳи мошингарди Конибодом-Кӯчкак шинос шуданд. Иттилоъ дода шуд, ки татбиқи лоиҳаи "Беҳтар намудани роҳҳои алоқаи минтақавӣ ва Осиёи Марказӣ, БРАМОМ-4" моҳи марти соли 2023 оғоз гардида, кор дар 4 минтақаи вилояти Суғд, аз ҷумла, Куруш-Бекобод 12,3 километр, Деҳмой-Бобоҷон Ғафуров 22 километр, Бобоҷон Ғафуров-Хиставарз 6,6 километр ва Конибодом-Кӯчкак 10,3 километр, дар маҷмуъ бо дарозии умумии 51,2 километр идома дорад.

Дар шаҳри Конибодом дар ин рӯз Муассисаи таҳсилоти томактабии №2-и "Ситора", Муассисаи таҳсилоти томактабии №1 ба номи "Нури Робия", Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №48 ва коргоҳи истеҳсоли пойафзоли "Фароғат" ба истифода дода шуданд.

### Истеҳсоли маҳсулот дар Суғд 72 баробар зиёд

Соли 2023 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии вилояти Суғд ба беш аз 35 миллиард сомонӣ баробар шудааст. Ин рақам нисбат ба соли 2000-ум 72 баробар зиёд мебошад.

Ин нукта зимни суханронии Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дар тантанаи идона ба ифтихори 33-солагии Истиқлоли давлатӣ дар шаҳри Хуҷанд садо дод.

Таъкид гардид, ки танҳо ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар ин давра 15 баробар афзоиш ёфтааст.

Ҳамчунин, ба истиқболи 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар вилояти Суғд бунёди зиёда аз 700 корхонаву коргоҳи нави саноатӣ бо зиёда аз 14 ҳазор ҷойи нави кор ба нақша гирифта шудааст.

«Тибқи нақша, соли 2024 ба истифода додани 140 корхонаву коргоҳи саноатӣ пешбинӣ гардида, дар 7 моҳи соли 2024-ум 106 корхонаву коргоҳи нав ба фаъолият оғоз намуд»,- изҳор дошт Сарвари давлат.

Гуфта мешавад, ки соли 2023 ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ дар вилоят ба 19 миллиард сомонӣ расида, нисбат бо соли 1991-ум 7,3 баробар зиёд мебошад.

# ПРЕЗИДЕНТ ДАР РАШТ



**Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон 11-уми сентябр дар доираи сафари корӣ ба водии Рашт як қатор иншооти муҳими таълимӣ ва инфрасохториро мавриди истифода қарор дод.**







Дар ноҳияи Нуробод бинои Муссисаи таҳсилоти миёнаи умии №28, ки барои 1280 хонанда дар ду баст пешбинӣ шудааст, ифтитоҳ гардид. Мактаб дорои синфхонаҳои муҷаҳҳаз барои фанҳои дақиқ ва толори варзишӣ мебошад. Президенти мамлакат зимни шиносоӣ бо шароити таълим омӯзгоронро ба истифодаи самарабахши имкониятҳои фароҳамшуда даъват кард.

Дар ноҳияи Сангвор Пешвои миллат аз рӯйи лавҳаи рамзии Нишони давлатӣ ва муҷассамаи Шоҳ Исмоили Сомонӣ парда бардошт, ки ҳамчун рамзи ифтихори миллӣ дар минтақа сохта шудааст. Инчунин, дар ин ноҳия маркази савдо ва меҳмонхонаи "Сайёҳ" ифтитоҳ шуданд, ки барои ҷалби сайёҳон ва фароҳам кардани ҷойи кор муҳим аст.

Ҳамзамон, дар ноҳияи Сангвор Пешвои миллат бинои нави шуъбаи маорифро ифтитоҳ кард, ки он дорои 10 ҳуҷраи корӣ, маҷлисгоҳ ва китобхона мебошад.

Дар ноҳияи Нуробод бошад, Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба 22 оила, ки аз офатҳои табиӣ зарар дида буданд, хонаҳои истиқоматӣ супорид. Хонаҳои нав бо тамоми шароити зарурӣ муҷаҳҳаз буда, дар муддати кӯтоҳ бунёд гардидаанд.

Дар идомаи сафари худ, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Нуробод як қатор иншооти дигарро ифтитоҳ намуд. Аз ҷумла, бинои шуъбаи минтақавии мубориза бар зидди ҷиноятҳои муташаккили Раёсати Вазорати корҳои дохилӣ дар ноҳияи Нуробод мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт.

Инчунин, бунёд ва ба истифода додани як қатор иншооти варзишӣ, аз ҷумла майдончаҳои варзишӣ дар назди муассисаҳои таълимӣ ба тарзи ҳаёти солим ва рушди варзиш дар ноҳияҳои дурдасти водии Рашт мусоидат мекунад.

Дар ин сафари корӣ Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон бо мардуми маҳаллӣ мулоқот намуда, таъкид кард, ки дастгирии бахши хусусӣ ва рушди соҳаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва инфрасохторӣ дар меҳвари сиёсати давлат қарор доранд.

Сокинони водии Рашт бо сипосгузорӣ аз кумаку дастгириҳои Пешвои миллат барои рушди минтақа ва беҳбудии шароити зиндагӣ, миннатдорӣ баён карданд.

Ин сафар барои таъмини амнияти иҷтимоӣ, рушди маориф, фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум як қадами бузурге дар пешрафти водии Рашт махсуб меёбад.

# АЗ КӮЛОБ ТО ПОРЛУМОН

(Аввалаш дар саҳ.7)

Соли 1987 ман ба Афғонистон фиристода шудам ва Худойқулов соли 1988 ба мақоми муовини идораи Қӯрғонтеппаи КГБ Тоҷикистон таъин шуд.

Пас аз воқеаҳои феврали соли 1990, вазъ дар Тоҷикистон муташанниҷ гашт ва кишвар ба гирдоби ҷанг фурӯ рафт. Ин вазъ, бахусус дар ҷануби кишвар, мушкилоти зиёде ба бор овард. Худойқулов, бо вуҷуди таҳдидҳои мухолифони радикалӣ, номзадии худро ба вакилии парламенти Тоҷикистон пешбарӣ кард ва дар муборизаи сахт пирӯз шуд. Ӯ дар ҳайати парламенти нави Тоҷикистон барои баркарории сулх дар кишвар мубориза мебурд.

Соли 1994, дар шароити ҷанги шаҳрвандӣ, Худойқулов ба мақоми роҳбари Комитети давлатии гумрук таъин шуд. Ӯ дар муддати кӯтоҳ фаъолияти ин сохторро, ки худаш асос гузошта буд, ба сатҳи баланд расонд. Дар он замон кор кардан дар ин самт хатарнок буд, зеро дар Душанбе гурӯҳҳои мусаллаҳи зиёд ва гурӯҳҳои ҷиноятӣ фаъолият мекарданд, ки мехостанд аз гумрук барои манфиатҳои худ истифода баранд. Худойқулов бо часорат кори ин сохторро ба роҳ монд ва ҳатто бинои наву муосири гумрукро бунёд кард.

Бо вуҷуди комёбиҳои назаррас, соли 1997 ӯ аз мақомаш барканор шуд ва шахси бесалоҳият роҳбар шуд, ки ин ба ҳолати рӯҳии ӯ таъсири манфӣ гузошт.

Апрели соли 1997 ӯ ба Кумитаи давлатии амният баргашт ва муовини раиси Комитет таъин шуд. Дар ин давра роҳбарии Комитетро Саидамир Зухуров ба ухда дошт, ки дар солҳои ҳаштодум зери роҳбарии ман ва Ҳамроқулов дар идораи КГБ вилояти Кӯлоб кор мекард.

Ҳамроқулов системаи амниятиро хуб медонист ва мисли пештара, фаъол ва ташаббускор буд. Ӯро дар ҳайат мешинохтанд ва эҳтиром мекарданд. Дафтарҳои кории мо наздик буданд ва мо пайваста вомехӯрдем ва масъалаҳои муҳимро муҳокима мекардем. Ӯ кушодчеҳра ва хушмуомила буд, ки ин барои паси сар кардани мушкилиҳои хидмати ҳарбӣ мусоидат мекард. Баъзан, шоири маъруф Лоиқ Шералӣ низ ба ӯ меҳмон мешуд. Лоиқ аз вазъи мушкили кишвар сахт ранҷ мебурд ва дар чунин лаҳзаҳо, Ҳамроқулов маро ба суҳбати ӯ даъват мекард. Раиси Комитет Зухуров Саидамир низ баъзан ба ин суҳбатҳо ҳамроҳ мешуд. Лоиқ Шералӣ шеър мехонд ва саргузашт мекард. Мо ба ӯ чӣ тавре ки метавонистем, кумак мерасондем.

Соли 1999 Саидамир Зухуров ба мақоми муовини раиси Ҳукумати Тоҷикистон таъин шуд ва роҳбари нави Кумитаи амнияти миллӣ Абдураҳимов Хайриддин Саидович таъин гардид. Худойқулов, ки дар авҷи камолоти касбӣ қарор дошт, аз мақомоти амниятӣ хориҷ карда шуд. Баъдан ӯ ба ҳайси вакили парламенти Тоҷикистон ва муовини шаҳрдори Душанбе таъин гашт.

Пас аз барканорӣ, ӯ ба боғпарварӣ машғул шуд. Ман боре ба хонаи падарии ӯ рафтам, ки дар он ҷо боғи зебое бунёд карда буд ва ба бо он худро хушбахт медонист.

Ҳамсари ӯ, марҳум Робия Тағоева яке аз занони соҳибэҳтиром ва зиёии Тоҷикистон буд. Вай ҳамсари намунавӣ ва ҳамсояи хубе буд. Мо якҷо дар чорабиниҳои гуногун ва ҷашнҳо ширкат меварзидем. Ҳузури ӯ ҳамеша фазои гарм ва дӯстона эҷод мекард.

Худойқулов ҳамеша ба мо, ветерани органҳои амният ва хидмати гумрук дасти кумак дароз мекард. Ҳар сол аз боғи худ ба мо меваҳои тару тоза мефиристод. Ӯ шахси пур аз неру буд ва нақшаҳои неке барои оянда дошт, вале мутаассифона, ба бемории вазнин гирифтор шуд. Ҳангоми табобат дар Маскав, вақте ки мо бо ҳамкасбон Абдуллаев Б. Н. ва Қурбонов Ш. К. ӯро хабар гирифтем, ӯ ҳамеша дар бораи нақшаҳоиояндааш, аз ҷумла таъсиси мулоқот бо ҳамкасбон дар Маскав суҳбат мекард. Вай бисёр орзуҳои нек дошт, аммо мутаассифона, умр ба ӯ имкон надод, ки онҳоро амалӣ кунад.

Ӯ шахсияти бузурге буд, ки барои кишвар, оила, ҳамкасбон ва дӯстонаш корҳои зиёди нек анҷом додааст. Хотираи ӯ ҳамеша дар дилҳои мо ҳамчун корманди баландихтисоси органҳои амният, мураббии кордон, дӯст ва инсони шарафманд боқӣ хоҳад монд. Тасаллои мо дар он аст, ки кори неки ӯ ва хотироти ӯ боқӣ мемонад ва то ҳастем, ӯро ба ёд хоҳем овард.

**Давлат МАМАДРИЗОБЕКОВ,**
**генерал**

ФУТБОЛ

## ТОҶИКИСТОН ДАР ҶОМИ МЕРДЕКА-2024 СЕЮМ ШУД

**Дастаи мунтахаби футболи Тоҷикистон дар бозӣ барои ҷойи сеюм дар мусобиқаи Ҷоми Мердека-2024 дар Куала-Лумпур бар тими Филиппин пирӯз шуд.**



Вақти асосии воҳӯрӣ мусовӣ - 0:0 анҷом ёфт ва дар зарбаҳои пеналтӣ футболбозони Тоҷикистон дақиқтар буданд - 4:3. Голҳои Тоҷикистонро аз пеналтӣ Аҳтам Назаров, Далер Шарипов, Манучеҳр Сафаров ва Алишер Шукуров заданд. Зарбаи Парвиз Умарбоевро дарвозабон гардонд. Дар ин бозӣ дарвозаи Тоҷикистонро дарвозабони дастаи «Уфа» (Русия) Олег Баклов ҳимоя кард.

Қаблан дар даври ниманиҳоӣ дастаи мунтахаби Тоҷикистон аз тими Лубнон бо ҳисоби 0:1 шикаст хӯрда буд.

Барандаи мусобиқаи Ҷоми Мердека-2024 тими Малайзия шуд, ки дар бозии ниҳоӣ бар тими Лубнон ғолиб омад - 1:0.

ФУТБОЛ

## АВВАЛИН ШИКАСТИ «ИСТИҚЛОЛ» ДАР ИН МАВСИМ

**Дар доираи бозиҳои даври 15-уми Лигаи олии Чемпионати футболи Тоҷикистон дастаи “Хуҷанд” дар сафар бар “Истиқлол” пирӯзӣ ба даст овард. Воҳӯрии дастаҳо дар Варзишгоҳи марказии шаҳри Душанбе баргузор шуд ва бо ҳисоби 0:1 ба фоидаи тими шаҳри Хуҷанд анҷом ёфт.**

Голи ягонаи ин бозиро дар дақиқаи 76-уми қисми дуюм муҳофизатгари “Хуҷанд” Даврончон Эргашев ба ҳадаф расонд. Маротибаи охир футболбозони “Хуҷанд” дар Лигаи олӣ моҳи майи соли 2018 бо ҳисоби 4 бар 3 “Истиқлол”-ро мағлуб карда буданд. Дастаи “Истиқлол” пас аз 15 давр аввалин бор мувочеҳи шикаст шуд. Ҳоло “Истиқлол” бо 42 имтиёз дар зинаи аввал аст. “Хуҷанд” бо 28 имтиёз дар зинаи дуюм аст.

Дар ин давр КМВА бар «Истаравшан» бо ҳисоби 4:1 пирӯз шуд. «Равшан» низ бо ҳамин ҳисоб дастаи «Эсхата»-ро мағлуб кард. «Ҳосилот» дар сафар бо «Регар-ТадАЗ» мусовӣ (0:0) кард.




ФУТЗАЛ

## ШИКАСТИ ТОҶИКИСТОН АЗ ИСПАНИЯ ВА ПИРӮЗӢ БАР НИДЕРЛАНДҲО

**Дастаи мунтахаби футзали Тоҷикистон пеш аз оғози Ҷоми ҷаҳонии футзал-2024 ду бозии дӯстона баргузор кард, ки дар яке ноком ва дар дигаре пирӯз шуд.**



8-уми сентябр шогирдони Пайрав Воҳидов дар шаҳри Душанбе бо тими миллии Нидерландҳо бозии дӯстона анҷом доданд. Воҳӯрӣ пуршиддат гузашт ва бо натиҷаи 4:3 ба фоидаи дастаи Тоҷикистон анҷом ёфт. Голҳои дастаи Тоҷикистонро Файзалӣ Сардоров ва Дилшод Саломов заданд. Ду голи дигарро меҳмонон худашон ба дарвозаи худ заданд.

Дар бозии якуми дӯстона дастаи мунтахаби Тоҷикистон аз дастаи Испания бо ҳисоби 2:9 мағлуб шуд.

То оғози Чемпионати ҷаҳонии футзал-2024 ҳамагӣ 2 рӯзи дигар боқӣ мондааст. Ин мусобиқа аз 14-уми сентябр то 6-уми октябр дар Ӯзбекистон баргузор мешавад. Дастаи мунтахаби Тоҷикистон дар гурӯҳи «Е» бозӣ мекунад. Ҳарифони дастаи Пайрав Воҳидов тимҳои миллии Марокаш (16-уми сентябр), Португалия (19-уми сентябр) ва Панама (22-юми сентябр) мебошанд. Ду бозии аввали дастаи мунтахаби Тоҷикистон дар Тошканд ва рақобати сеюм дар Бухоро баргузор мешаванд.

БОКС

## 11 МЕДАЛИ ВАРЗИШГАРОНИ НАВРАСИ ТОҶИКИСТОН АЗ ЧЕМПИОНАТИ ОСИЁ

**Аз 27-уми август то 10-уми сентябр дар шаҳри Ал-Айни Аморoти Муттаҳидаи Араб Чемпионати бокси Осиё миёни наврасон ва мактаббачаҳо баргузор гардид, ки муштзанҳои тоҷик ба гирифтани 11 медал (4 тило, 1 нуқра, 6 биринҷӣ) ноил шуданд.**



Медалҳои Тоҷикистонро дар ин мусобиқа миёни мактаббачаҳо Дилшод Сичаев (35 кг) - медали биринҷӣ, Фирӯзҷон Бойматов (37 кг) - медали нуқра, Анӯшервон Сидиқов (33 кг) бо Акбарҷон Абдуллоев (58 кг) - медали тило ба даст оварданд. Миёни наврасон Мино Азамзода (60 кг), Амирбек Маҳрамов (52 кг), Абубакр Азизов (57 кг), Сорбон Нурализода (66 кг), Умарҷон Асроров (63 кг) медалҳои биринҷӣ ва Фариноз Абдуллоева (54 кг) бо Билолҷон Иксанов (54 кг) медалҳои тилоро соҳиб шуданд.

Федератсияи бокси Тоҷикистон ҳайати мукаммал иборат аз 27 нафар (14 муштзан миёни мактаббачаҳо ва 13 муштзан миёни наврасон)-ро ба мусобиқаи мазкур сафарбар карда буд. Онҳоро дар ин мусобиқа мураббиҳо Саидхоҷа Мамуров, Тоирҷон Аглухов, Эмомалӣ Малаев, Рустам Музаффаров, Улфатшоҳ Ҳошимов, Ҳасан Мӯсоев ва Хуршед Абдуллоев ҳамроҳӣ карданд. Ҳамчунин, Акмалҷон Абдуллоев ҳамчун довар ба ин чорабинӣ иштирок кард.

Ёдовар мешавем, ки дар чемпионат миёни мактаббачагон 149 варзишгар аз 24 кишвари кора ва 13 нафар аз Украина, миёни наврасон 80 варзишгари 24 кишвари кора ва 13 нафар аз Украина иштирок карданд.

РЕЗААХБОР

Шатранҷбози тоҷик Муҳаммад Юнусов дар мусобиқаи шатранҷи барқвор, ки бахшида ба Рӯзи пойтахт рӯзи 7-уми сентябр дар боғи Соколникии шаҳри Маскав баргузор гардид, бо 7,5 имтиёз аз 9 бозӣ, миёни 31 нафар сазовори ҷойи аввал гардид.



***

Дар олами футбол воқеаи таърихӣ ба вуқӯъ пайваст. Дастаи мунтахаби Сан-Марино бори аввал дар таърихи худ дар бозии расмӣ пирӯз шуд. Ба шогирдони Роберто Севоли муяссар шуд, ки дар даври ифтитоҳии сабқати гурӯҳии Дивизиони D-и Лигаи миллатҳои Аврупо тими миллии Лихтенштейнро бо ҳисоби 1:0 шикаст диҳанд.

***



Ҳимоятгари тими миллии футболи Тоҷикистон Зоир Ҷӯрабоев пас аз шикастани устухони рухсораш дар бозӣ муқобили тими миллии Лубнон дар мусобиқаи «Ҷоми Мердека-2024» дар клиникаи «Ara Damansara Medical Centre» дар Малайзия бомуваффақият ҷарроҳӣ шуд. Зоир Ҷӯрабоев дар охири нимаи аввали бозӣ, вақте ки ҳамлагари рақиб бо зонуяш ба рӯйи футболбози тоҷик зад, ҷароҳат бардошт.

***

17-уми сентябр бозии даври аввали марҳилаи гурӯҳии Лигаи қаҳрамонҳои дуюми Осиё-2024/25 миёни дастаҳои «Истиқлол» (Тоҷикистон) ва «Шарҷа» (АМА) дар Душанбе баргузор мешавад. «Истиқлол» дар Лигаи қаҳрамонҳои дуюми Осиё-2024/25 дар як гурӯҳ бо дастаҳои «Сипоҳон» (Эрон), «Шарҷа» (АМА) ва «Ал-Ваҳдат» (Урдун) бозӣ мекунад.

# ҶИНОЯТКОРОНИ ТОҶИК АЗ ТУРКИЯ БАРГАРДОНИДА МЕШАВАНД?

**Рамазон Раҳимзода, вазири корҳои дохилии Тоҷикистон рӯйхати шаҳрвандони кишварро, ки дар пайгарди ҷиноятӣ қарор доранду дар Туркия иқомат мекунанд, ба Меҳмет Сағлам, муовини вазири корҳои дохилии Туркия супоридааст. Дар ин бора ВКД Тоҷикистон хабар медиҳад.**



Ба иттилои манбаъ, вохӯрии Раҳимзода бо Сағлам рӯзи 9-уми сентябри соли равон дар ҳошияи Форум оид ба таъмини амнияти фаромиллӣ дар шаҳри Лянюнгани Чин доир гардид.

“Зимни мулоқот ҷонибҳо масъалаҳои тақвият бахшидани ҳамкориҳоро дар ҷодаи мубориза бар зидди ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, терроризм, экстремизм, киберҷиноятҳо, шахсони дар ҷустуҷӯ қарордошта, вусъат бахшидани мурофиаи истирдоди ҷиноятқорон, омода намудани кадрҳои баландихтисос ва лағви раводид мавриди баррасӣ қарор доданд”,- хабар медиҳад сомонаи ВКД.

Маълум нест, ки ҷонибҳо дар мавриди лағви раводид ба чӣ натиҷа расидаанд.

Қаблан низ мақомоти Тоҷикистон кӯшиши аз кишварҳои хориҷӣ баргардонидани нафарони дар пайгард бударо карда буд. Аз ҷумла Рамазон Раҳимзода дар мулоқоти худ бо ҳамтои итолиявиаш нигаронӣ карда буд, ки “баъзе аз ҷинояткорон ба Аврупо, аз он ҷумла ба Ҷумҳурии Италия бо баҳонаи гирифтани паноҳандагӣ сафар карда, пинҳон гаштаанд”.

Дар соли 2024 чанд ҳолати истирдоди шаҳрвандони Тоҷикистон, аз ҷумла аз кишварҳои Аврупо ва Туркия расонай шуда буд.

Тибқи иттилои Прокуратураи генералии Тоҷикистон, дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ 80 шаҳрванди Тоҷикистон, ки дар кофтуков қарор доштанд, аз ҷониби мақомоти дахлдори кишварҳои хориҷӣ дастгир ва ба Тоҷикистон истирдод шуданд.

# "БОТ" БАРОИ ШИКОЯТ АЗ МУҲОҶИРОН

**Дар шаҳраки Сосенскии Маскави Нав як "Телеграм-бот" ё ҳуши маснуъиеро сохтанд, ки сокинон метавонанд тавассути он аз болои муҳоҷирон ба пулис шикоят баранд. Дар ин бора вакили Думаи шаҳри Маскав Александр Козлов хабар додааст.**




Гуфта мешавад, ки минбаъд сокинони маҳаллӣ метавонанд ба ин "бот" алайҳи муҳоҷироне, ки дар манзилҳо ғайриқонунӣ зиндагӣ мекунанд, шикоят кунанд. "Телеграм-бот" бошад, ин шикоятҳоро ба мақомот мерасонад.

Ба гуфтаи манбаъ, дар давоми чор моҳи фаъолияти ин ҳуши маснӯӣ дар натиҷаи арзу шикоятҳои сокинон 42 маротиба санҷиши муҳоҷирон гузаронида шудааст. Дар натиҷа нисбати 100 нафар аз муҳоҷирон протоколҳои маъмурӣ тартиб дода шуда, 32 нафар аз Русия ихроҷ гардидаанд.

# МОДАР ТИФЛИ ЯКМОҲААШРО БА ФУРӮШ ГУЗОШТ

**Мақомоти милитсияи Ашт аз боздошти зане хабар доданд, ки бар ивази 15 ҳазор сомонӣ мехост тифли якмоҳаашро фурӯшад.**



Вазорати корҳои дохилӣ аз ин зан Муқаддас Мададоваи 34-сола, сокини ҷамоати деҳоти Ифтихори ноҳияи Ашт ном бурд. Тавре манбаъ иттилоъ медиҳад, Мададова чор маротиба шавҳар карда, соҳиби 5 фарзанд шудааст.

“Мададова як фарзандашро ба фарзандхонӣ дода, дутои дигарашро ба мактаб-интернат супурдааст ва як духтарчаи хурдсолаш дар тарбияи худаш қарор дорад”,- омадааст дар ахбори ин ниҳод.

Зан бори чаҳорум ҳангоми дар батнаш будани фарзанд оиладор мешавад. Ҳамсари охирини ӯ духтарашро қабул мекунад, вале аз фарзанди дар батн будаи зан даст мекашад.

Зан ҳангоми гирифтани 5 ҳазор сомонӣ пешпардохт боздошт шудааст.

Нисбати Мададова, ки бо моддаи 167-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (хариду фурӯши ноболиғон) гумонбар аст, парванда боз шудааст. Ин банди қонунгузорӣ аз панҷ то ҳашт сол зиндонро пешбинӣ мекунад.

# БОЗДОШТИ ДУ ФОЛБИН ДАР ПОЙТАХТ





**Кормандони милитсияи шаҳри Душанбе шаҳрвандон Саодат Раҳмоноваи 55-сола ва Татяна Амирхановаи 63-соларо, ки муддати тӯлонӣ дар манзили истиқоматиашон ба амалҳои хурофотӣ машғул буданд, боздошт карданд.**

Номбурдагон ба воситаи расм ва истифодаи шамъ гӯё муносибати зану мардро хуб мекарда бошанд, бо ин роҳ шаҳрвандонро фиреб дода, манфиати молӣ ба даст меовардаанд.

Вобаста ба ин, нисбати ҳардуяшон протоколи маъмурӣ тартиб дода шудааст.



**Дар Душанбе мудири ширкати “Арса”-ро бо гумони қаллобӣ дастгир карданд. Дар ин бора Агентии назорати молиявӣ ва мубориза бо коррупсия хабар медиҳад.**

Гуфта мешавад, “мудири ин ширкат Одилов Қ., ки иҷозатнома барои фиристодан ба Британияро надошт, аз моҳи декабри соли 2023 то апрели соли 2024 бо роҳи фиреб ба боварии шаҳрвандони Тоҷикистон даромада, бо ваъдаи ба муҳоҷирати меҳнатӣ равон кардан, аз шаҳрвандон аз 22 ҳазор то 25 ҳазор сомонӣ талаб карда, дар маҷмӯъ 550 ҳазор сомониро гирифтааст".



**Дар вилояти Хатлон 238 ронандаи нақлиёти боркаш беш аз 855 ҳазор сомонӣ ҷарима супоридаанд. Онҳо меъёри муайяни вазнро дар роҳҳо риоя накардаанд.**

Дар ин бора Исроил Шафизода, сардори Раёсати минтақавии Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёт дар минтақаи Бохтар ба Pressa.tj иттилоъ дод.



**Милитсия блогер Мошарифи Амирҳисайнро барои паҳн кардани наворҳои ғайриахлоқӣ боздошт ва наздики якуним ҳазор сомонӣ ҷарима кард.**

Раёсати Вазорати корҳои дохилӣ дар шаҳри Душанбе хабар медиҳад, ки ин блогерро пас аз мурочиатҳои зиёди шаҳрвандон боздошт кардааст. “Ин блогер, ки сокини ноҳияи Муъминобод аст, дар "Instagram" саҳифаи худро кушода, бо алфози қабеҳу тарғибкунандаи фаҳш ба шаъну шарафи зан-модар иснод меовард”,- хабар медиҳад манбаъ.

# 5 ҚАДАМ БА СӮЙИ ДАРОЗУМРӢ

**Федерика Аматӣ, пизишки амрикоӣ дар суҳбат бо "Express" барои дароз кардани умр панҷ маслиҳат додааст. Ӯ дар харита панҷ минтақаро бо ранги кабуд ишора кардааст, ки мардумаш аз сад сол зиёд умр мебинанд: ҷазираи Окинаваи Ҷопон, ҷазираи Сардинияи Италия, ҷазираи Икарияи Юнон, нимҷазираи Никоя дар Коста-Рика ва шаҳри Лома-Линдаи иёлоти Калифорнияи Амрико.**



Чуноне хонум Аматӣ қайд кардааст, аввалин сирри дарозумрии мардуми минтақаҳои дар боло зикршуда ба ғизои рӯзмарраи онҳо вобаста будааст. Онҳо пархези растанигиро риоя карда, бештар мева, сабзавот ва ғалладона истеъмол мекардаанд. Яъне, агар умри дароз дидан хоҳед, пас бештар меваҷоту сабзавоти тару тоза истеъмол намуда, аз ҳар гуна ғизоҳои хамирӣ ва серғизо, ки ба фарбеҳшавӣ оварда мерасонанд, худдорӣ намоед.

Маслиҳати дувум зиёд ҳаракат кардан мебошад. Коршинос шарҳ додааст, ки ҳамарӯза анҷом додани ҳаракати зиёд ба организми инсон зарурӣ буда, яке аз роҳҳои дароз кардани умр низ мебошад. Тамрин мекунед ё сайругашт, муҳим нест, муҳим он аст, ки ҳаракат кунед. Маслиҳати сеюм истеъмоли муътадил мебошад. Ба гуфтаи табиб, масалан, сокинони ҷазираи Окинаваи Ҷопон меъдаи худро 100% аз хӯрок пур намекардаанд. Онҳо ҳамеша кӯшиш мекардаанд, ки худро то 80% сер кунанду халос. Ин низ яке аз роҳҳои дароз кардани умр мебошад. Сокинони панҷ минтақае, ки дар боло номбар кардем, хӯроки шомро барвақттар меҳӯранд ва пас аз он дигар чизе истеъмол намекунанд. Ин маслиҳати панҷуми хонум Аматӣ мебошад, ки ба дарозшавии умр мусоидат менамояд.

Дар охир коршинос аз кулли мардуми сайёра даъват ба амал овардааст, ки аз нӯшидани ҳамагуна машруботи спиртӣ худдорӣ намуда, аз асабонияту стресс дурӣ биҷӯянд. Тибқи оморҳо, то соли 2019 дар саросари ҷаҳон ҳамагӣ 533 ҳазор нафари синнашон аз 100 боло зиндагӣ мекардаанд, ки ин ба як миллион аҳолӣ 69 нафар рост меояд.

# СЕБ - ДУШМАНИ ФАРБЕҲӢ

**Себ меваи хушхӯр ва аз оҳан бой буда, ҳамарӯза истеъмоли он барои одамони хунашон кам тавсия дода мешавад. Гемоглобинро дар организми инсон баланд мекунад. Дар таркибаш витаминҳои фоиданок дошта, дилро тақвият мебахшад.**



Барои нафарони мубталои фишори хун беҳтарин даво аст. Аз ҷисм намаку моддаҳои нодаркорро бароварда, барои паст кардани фишори хун тавсия дода мешавад. Беморони фишори хунашон баланд бояд ҳар субҳ 1 дона себи сабзро бо каме нони сиёҳ истеъмол кунанд. Ё ин ки як соат қабл аз хӯрок ним истакон шарбати себи сабз истеъмол намоянд.

Ҳангоми заҳролудшавӣ истеъмоли себ муфид аст. Дар таркиби себ сорбенти табиӣ вуҷуд дорад, аз ин рӯ, заҳрҳоро аз бадан хуб тоза мекунад. Ин мева ҳолати узви ҳозимаро беҳтар мекунад, зеро дар таркибаш чавҳарҳои зарурии органикӣ дорад. Ба шарофати ин ҷавҳарҳо себ истеҳсоли сафро ва кори меъдаро танзим мекунад. Хӯрдани як дона себ 20 дақиқа пеш аз хӯрок иштиҳои хуброкафолат медиҳад.

Себ барои вазни зиёдатиро кам кардан фоида дорад. Ҳангоми пархез хӯрдани себ бо кефир фоиданок аст. Заҳру таҳшинро аз бадан хориҷ мекунад. Барои харобшавӣ чунин омехтаҳои афшураҳоро тайёр карда менӯшанд: афшураи себ - 100 мл, афшураи харбуза - 50 мл, афшураи помидор - 5 мл, шарбати лимӯ - 25 мл.

Себ холестерини организмро паст мекунад. Бо ин мақсад дар як рӯз ду-се дона себ хӯрдан кифоя аст.

МАСЛИҲАТ

## РОҲҲОИ ХАЛҚИИ РАФЪИ АРАҚКУНӢ

**Растаниҳои табобатӣ барои рафъ намудани бӯйи нохуши арақи бадан таъсири олиҷаноб мерасонанд. Аз ҷумла булут (кора дуба) ё календула арақи баданро ба зудӣ хушк мекунад.**

1 қошуқ решаи дарахти булутро дар як истакон оби ҷӯшида, дар болои оташи паст 15 дақиқа ҷӯшонед ва баъди хунук шуданаш бо ин об ҷойҳои арақмекардаи пӯстатонро тоза кунед. Барои дар чунин гиёҳоб нигоҳ доштани пойҳо 3 қошуқ пӯсти дарахти булутро ба зарфе андозед ва аз болояш оби ҷӯшида рехта, монед тақрибан як соат истад, баъдан обро полонида, пойҳоятонро 15-20 дақиқа дар он нигоҳ доред. 2 қошуқ гулҳои хушки календуларо дар 1 литр оби ҷӯшидагӣ камтар ҷӯшонед, сипас аз дока полонида, поятонро дар ин об нигоҳ доред. Баъзе намудҳои маҳсулот арақкуниро кам ва бӯйи нохушро рафъ месозанд, аз ҷумла, сиркои себин, шарбати лимӯ ва содаи хӯрока. Миқдори баробари об ва содаро якҷоя карда, ба таги каш ва пошнаи пойҳоятон молед.

Шарбати лимӯ пӯстро хушк месозад ва ба микроорганизмҳо имкон намедиҳад, ки афзоиш ёфта, бӯйи нохушро ба вуҷуд биёранд. Шарбати лимӯ барои пӯсти ҳассоси таги каш тавсия дода намешавад, вале барои пошнаи пой айни муддао аст.

Дар 1 истакон об 1 қошуқча содаи хӯрока андохта кобед, антиперспиранти табиӣ омода мегардад.



# Толеънома



**Ҳамал**
**21.03 - 20.04**

Ҳафтаи бобарор аст. Аз вазъияти мусоид истифода баред. Ба ҳар коре, ки даст мезанед, муваффақ мегардед. Агар нафаре аз атрофиён бо шумо баҳс кунад, сабру таҳаммулро пеша намоед. Ҳунари дилёбиатонро ба кор бурда, созиш кунед.



**Савр**
**21.04 - 21.05**

Ҳафтаи пур аз рӯйдод аст, вале яку якбора аз паси чанд кор шуданро тавсия намедиҳем. Пешниҳоди ҳамкорӣ карданро нағзакак фикр кунед. Ба хотири хушҳол сохтани худ ба бозор рафтану пули зиёд сарф карданро тавсия намедиҳем.



**Ҷавзо**
**22.05 - 21.06**

Барои амалӣ сохтани нақшаву ниятҳо ҳафтаи бобарор фаро мерасад. Бо нафарони даркорӣ шинос шуда, корҳои нотамоми худро анҷом медиҳед. Фаромӯш насозед, ки бо вуҷуди серкор будан бояд баъзан бегоҳирӯзиро дар муҳити орому осуда сипарӣ намоед.



**Саратон**
**22.06 - 23.07**

Каме истироҳат карданатон лозим аст. Бо коре машғул шавед, ки бароятон эҳсоси хушҳолӣ меорад. Аз мунокиша худдорӣ намуда, ба сар задани ҷангу ҷанҷол роҳ надиҳед. Агар норозигии худро баён карданӣ бошед, ба иззати нафси касе нарасед.



**Асад**
**23.07 - 22.08**

Ҳафтаи ноором аст. Агар дар ҷойи коратон мушкиле набошад, бо атрофиён ҳатман нофаҳмӣ сар мезанад. Одати худро аз дигарон як сару гардан боло гирифтанатон боиси ранҷиши аксарият мегардад. Харочоти калону нодаркор боиси бепул шуданатон мегардад.



**Сунбула**
**23.08 - 22.09**

Ҳафта аз шумо чидду чаҳдро талаб мекунад. Дурандешӣ мушкилатонро ҳал мекунад. Миёнаи ҳафта кунҷи танҳоӣ ихтиёр накунед, наздикон дар ҳама кор дастгирӣ мекунанд. Нимаи дуюми ҳафта хатари гирифторшавӣ ба бемориҳои вирусӣ зиёд аст.



**Мизон**
**25.09 - 22.10**

Дилатон аз пешомади баде гувоҳӣ дода, аз ғалат кардану фиреб хӯрдан метарсед. Бо вуҷуди хеле эҳтиёткор буданатон дар кори оддитарин пешпо мехӯред. Ҳама гуна хатову камбудии худро ҳамчун таҷриба қабул карда, дуруст хулосабарорӣ карданро омӯзед.



**Ақраб**
**23.10 - 22.11**

Аввали ҳафта ҳама гуна робитаву муоширатро кам кунед. Бо ҳамин роҳ на танҳо аз мунокишаҳои эҳтимолӣ ва нохушиҳо, балки аз зарари ҷисмонӣ ва молӣ эмин мемонед. Рӯзҳои панҷшанбе ва ҷумъа аз ҷойе маблағ ба даст меоред, ки тамоман интизор набудед.



**Қавс**
**25.11 - 21.12**

Баъзе зодагони мучали қавс барои заҳматҳои худ арзи сипос ва мукофотпулӣ мегиранд. Аз ҳад зиёд саховатманд буданатон нисбати нафаре, ки сазовори эътимоди шумо нест, боиси фиреб хӯрданатон мегардад. Вазъи молиявиатон давоми ҳафта беҳтар мегардад.



**Ҷаддӣ**
**22.12 - 20.11**

Дар ин ҳафта нисбати дӯстдоштаи худ хӯрдагирӣ карда, бе ягон сабаб рашк мекунед. Ба масъалаҳои молиявӣ диққати хоса зоҳир намоед, ҳушёриро аз даст надиҳед. Барои он ки хурӯҷи бемориҳои музминро пешгирӣ намоед, аз ташхиси пурра гузаштанатон лозим аст.



**Далв**
**21.01 - 19.02**

То рӯзи панҷшанбе шуморо лозим аст, ки аз мунокиша ва зиддият бо атрофиён худдорӣ намоед. Нимаи аввали ҳафта табъатон хира, асабиву инҷиқ мешавед. Нафароне, ки фарзанд доранд, дучори мушкилоти пулӣ мешаванд.



**Ҳут**
**20.02 - 20.03**

Агар шумо муҷаррад бошеду бахти худро меҷуста бошед, дар ин ҳафта бештар ба ҷашну маъракаҳо равед. Рафтори ҳамсафари ҳаётӣ боиси ба ташвиш омаданатон мегардад. Эҳсоси он ки ягон пушту паноҳ ва дастгирӣ надоред, шуморо ба ҳолати яъсу ноумедӣ меорад.

# АЗ ПЕШВО ИБРАТ ГИРЕД!

**(Аввалаш дар саҳ.6)**

### Д.

*Қисми 1*
1. Дастон (саҳ. 222)

*Қисми 2*
2. Дашма (саҳ. 228)

*Қисми 3*
3. Доро (саҳ. 508)
4. Дороб (саҳ. 475)

*Қисми 4*
5. Дилафрӯз (саҳ. 357)
6. Дилорой

### Ё.

*Қисми 1*
1. Ёнус (саҳ. 7)

### Ж.

*Қисми 1*
1. Жаков
2. Жандаразм (саҳ. 280)

### З.

*Қисми 1*
1. Зирак (саҳ. 76)
2. Зол (саҳ. 24)
3. Зарасп (саҳ. 289)
4. Зав (саҳ. 438)

*Қисми 2*
5. Занга (саҳ. 60)

*Қисми 3*
6. Завора (саҳ. 60)
7. Зодшам (саҳ. 238)

*Қисми 4*
8. Зирех (саҳ. 129)

*Қисми 5*
9. Зарир (саҳ. 9)
10. Зардушт (саҳ. 97)

*Қисми 6*
11. Зарвон (саҳ. 205)
12. Зодфарух (саҳ. 481)

*Қисми 7*
13. Зангӯ (саҳ. 158)

### И.

*Қисми 1*
1. Испанӯй (саҳ. 391)

### К.

*Қисми 1*
1. Каюмарс (саҳ. 36)
2. Кармоил (саҳ. 69)
3. Каёнуш (саҳ. 91)
4. Курӯхон (саҳ. 409)
5. Каждаҳам (саҳ. 412)

*Қисми 2*
6. Куноранг (саҳ. 75)
7. Каёхур (саҳ. 97)

*Қисми 3*
8. Ковус (саҳ. 9)
9. Кайхусрав (саҳ. 202)
10. Кӯхрам (саҳ. 2)

*Қисми 4*
11. Комус (саҳ. 86)
12. Кундур (саҳ. 80)
13. Кофур (саҳ. 229)

*Қисми 5*
14. Карсиюн (саҳ. 7)
15. Кахил (саҳ. 21)

*Қисми 6*
16. Камоюн (саҳ. 25)

*Қисми 7*
17. Кисро (саҳ. 51)
18. Кундогушасп

### Л.

*Қисми 1*
1. Лаххок (саҳ. 223)

*Қисми 2*
2. Лухросп (саҳ. 7)

### М.

*Қисми 1*
1. Мардос (саҳ. 57)
2. Мехроб (саҳ. 239)
3. Манучехр (саҳ. 163)

*Қисми 2*
4. Милод (саҳ. 44)

*Қисми 3*
5. Махиндухт (саҳ. 332)
6. Маншур (саҳ. 35)
7. Манижа (саҳ. 306)

*Қисми 4*
8. Мохофарид (саҳ. 472)
9. Манушан (саҳ. 277)

*Қисми 5*
10. Мирин (саҳ. 31)
11. Мехрнуш (саҳ. 155)
12. Мохёр (саҳ. 536)

*Қисми 6*
13. Мехрак (саҳ. 223)
14. Мохрӯй (саҳ. 312)
15. Малика (саҳ. 315)

*Қисми 7*
16. Мехрон (саҳ. 114)
17. Маздак (саҳ. 54)
18. Махбуд (саҳ. 203)
19. Мой (саҳ. 308)

*Қисми 8*
20. Мохозар (саҳ. 453)

*Қисми 9*
21. Мехронситод (саҳ. 92)
22. Марям (саҳ. 132)
23. Мардуй (саҳ. 302)
24. Мардоншох (саҳ. 388)

### Н.

*Қисми 1*
1. Нузар (саҳ. 327)
2. Наремон
3. Настух (саҳ. 170)

*Қисми 2*
4. Настеҳан (саҳ. 123)

*Қисми 3*
5. Настор (саҳ. 20)
6. Нохид
7. Номхост (саҳ. 97)
8. Настур (саҳ. 111)
9. Невзор (саҳ. 112)

*Қисми 4*
10. Нарсӣ (саҳ. 306)
11. Нӯша (саҳ. 315)

*Қисми 5*
12. Нушервон (саҳ. 68)
13. Нушзод
14. Нардогушасп (саҳ. 487)

*Қисми 6*
15. Нахравон (саҳ. 19)
16. Нозёб (саҳ. 468)

*Қисми 7*
17. Нушозар (саҳ. 155)

### О.

*Қисми 1*
1. Офаридун (саҳ. 75)

*Қисми 2*
2. Отибин (саҳ. 78)

*Қисми 3*
3. Ораш (саҳ. 224)

*Қисми 4*
4. Озарафрӯз (саҳ. 155)
5. Озодсарв (саҳ. 430)

*Қисми 5*
6. Орзу (саҳ. 511)

*Қисми 6*
7. Ором (саҳ. 37)
8. Озармдухт (саҳ. 412)

### П.

*Қисми 1*
1. Пирмоя (саҳ. 91)
2. Пашанг (саҳ. 162)

*Қисми 2*
3. Пӯлод (саҳ. 26)
4. Пирон (саҳ. 179)
5. Пинсам (саҳ. 181)

*Қисми 3*
6. Пирӯз (саҳ. 7)
7. Парвиз (саҳ. 467)
8. Пармуда (саҳ. 567)

*Қисми 4*
9. Пуродухт (саҳ. 388)

### Р.

*Қисми 1*
1. Рудоба (саҳ. 245)
2. Рустам (саҳ. 365)

*Қисми 2*
3. Рӯин (саҳ. 125)
4. Ревниз (саҳ. 434)

*Қисми 3*
5. Рашнавод (саҳ. 482)
6. Равшанак (саҳ. 540)

*Қисми 4*
7. Рӯзбех (саҳ. 464)

*Қисми 5*
8. Размехр
9. Ромбарзин (саҳ. 67)

*Қисми 6*
10. Родфаррух (саҳ. 76)

### С.

*Қисми 1*
1. Сиёмак (саҳ. 37)
2. Сарв
3. Салм (саҳ. 135)
4. Сахм (саҳ. 136)
5. Сом
6. Синдухт

*Қисми 2*
7. Санҷа (саҳ. 46)
8. Судоба (саҳ. 128)
9. Сиёвуш (саҳ. 162)
10. Сухроб (саҳ. 202)

*Қисми 3*
11. Сипахрам (саҳ. 62)

*Қисми 4*
12. Суқлоб (саҳ. 80)
13. Сова (саҳ. 191)

*Қисми 5*
14. Сақил (саҳ. 66)
15. Сосон (саҳ. 470)

*Қисми 6*
16. Суфарой (саҳ. 23)
17. Симобарзин (саҳ. 453)

*Қисми 7*
18. Синор (саҳ. 78)
19. Саркаш (саҳ. 305)

### Т.

*Қисми 1*
1. Таҳмурас (саҳ. 45)
2. Тур (саҳ. 135)
3. Таҳамтан (саҳ. 365)
4. Талимон
5. Тахмос (саҳ. 438)

*Қисми 2*
6. Тахмина (саҳ. 198)

*Қисми 3*
7. Тус (саҳ. 93)
8. Туварч (саҳ. 102)
9. Тавоба (саҳ. 387)

### У.

*Қисми 1*
1. Урмузд (саҳ. 250)

### Ф.

*Қисми 1*
1. Фаридун (саҳ. 7)
2. Фаронак (саҳ. 79)

*Қисми 2*
3. Фарҳод (саҳ. 90)

*Қисми 3*
4. Фарангис (саҳ. 134)
5. Фурӯд (саҳ. 170)
6. Фаршедвард (саҳ. 123)

*Қисми 5*
7. Фурӯхил (саҳ. 30)

*Қисми 6*
8. Фағониш (саҳ. 225)

*Қисми 7*
9. Фароин (саҳ. 401)
10. Фаррут (саҳ. 275)

### Х.

*Қисми 1*
1. Харрод (саҳ. 26)
2. Хазорвон

*Қисми 2*
3. Хусрав (саҳ. 13)

*Қисми 3*
4. Хӯзон (саҳ. 223)

*Қисми 4*
5. Хушнавоз (саҳ. 13)

### Ҳ.

*Қисми 1*
1. Ҳушанг (саҳ. 40)

*Қисми 2*
2. Ҳуммон (саҳ. 209)

*Қисми 3*
3. Ҳум (саҳ. 396)

*Қисми 4*
4. Ҳушёр (саҳ. 376)

*Қисми 5*
5. Ҳурмуз (саҳ. 7)

### Ч

*Қисми 1*
1. Чехрзод (саҳ. 50)

### Ҷ.

*Қисми 1*
1. Ҷамшед (саҳ. 50)
2. Ҷандал (саҳ. 118)

*Қисми 2*
3. Ҷӯё (саҳ. 103)

*Қисми 3*
4. Ҷахн (саҳ. 123)
5. Ҷарира (саҳ. 132)

*Қисми 4*
6. Ҷонусёр (саҳ. 536)

*Қисми 5*
7. Ҷуғонӯй (саҳ. 409)

### Ш.

*Қисми 1*
1. Шедасп (саҳ. 47)
2. Шедуш (саҳ. 171)
3. Шерӯй (саҳ. 164)
4. Шопур (саҳ. 168)

*Қисми 2*
5. Шамирон (саҳ. 81)
6. Шеда (саҳ. 238)
7. Шоммох (саҳ. 83)

*Қисми 3*
8. Шерӯя (саҳ. 73)
9. Шомпур (саҳ. 77)
10. Шархун (саҳ. 311)
11. Шағод (саҳ. 434)

*Қисми 4*
12. Шоҳӯй (саҳ. 214)
13. Шукнон (саҳ. 404)
14. Шамр (саҳ. 558)

*Қисми 5*
15. Шерзод (саҳ. 155)

*Қисми 6*
16. Ширин

### Э.

*Қисми 1*
1. Эрач (саҳ. 135)
2. Эзидгушасп (саҳ. 160)

### Я.

*Қисми 1*
1. Яздигурд (саҳ. 370)

*Қисми 2*
2. Ялонсина (саҳ. 160)

**Таҳияи Г. ИСМОИЛОВА, Ҳ. АМРИДДИН, кормандони Китобхонаи миллии Тоҷикистон**

**ПЕШНИҲОД**
**аз “ТОҶИКИСТОН” :**

Фарҳанги номҳои “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ таҳия ва дастраси мардум гардад.

## МАВЛУДНОМА

**• 12 СЕНТЯБР •**

**Матлуба Мирзоева** (1964), 60-солагии зодрӯзи забоншинос.

**Саидқул Қурбонов** (1949), 75-солагии зодрӯзи журналисти шоистаи Тоҷикистон.

**Саломатшо Шоҳназриев** (1934), 90-солагии зодрӯзи мутриб, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**• 13 СЕНТЯБР •**

**Ҷонон Бобокалонова** (1929-2005), 95-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ, профессор, ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

**Александр Дорофеев** (1944), 80-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

**Огаҳӣ** (1809-1874), 215-солагии зодрӯзи шоир ва муаррихи ӯзбек, мутарҷими осори адибони тоҷик ба ӯзбекӣ.

**• 14 СЕНТЯБР •**

**Мирзонасриддин Асозода** (1949), 75-солагии зодрӯзи нависанда.

**Бурҳон Тӯраев** (1909-1987), 115-солагии зодрӯзи сарояндаи опера, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**Григорий Шейкин** (1919-1988), 75-солагии зодрӯзи ирригатор, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

**• 15 СЕНТЯБР •**

**Абдуҳамид Асроров** (1929-1995), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

**Замон Замонов** (1964), 60-солагии зодрӯзи забоншинос.

**Гуландом Муҳаббатова** (1949), 75-солагии зодрӯзи кинорежиссёр ва киношинос.

**Зуҳуршо Раҳматуллоев** (1914-1999), 110-солагии зодрӯзи арбоби фарҳангӣ, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

**Виктор Селвандер** (1934), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

**Муллоҷон Фозилов** (1914-1977), 110-солагии зодрӯзи забоншинос, узви вобастаи АМИ Тоҷикистон, Ходими шоистаи илми ҷумҳурӣ.

**Муродулло Ҷанобилов** (1939), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи геология.

**Зайнулобиддин Шарифов** (1934-1995), 90-солагии зодрӯзи публитсист.

**Клара Ашрафян** (1924), 100-солагии зодрӯзи муаррих-эроншиноси арман, доктори илми таърих.

**• 16 СЕНТЯБР •**

**Файзулло Атоев** (1964), 60-солагии зодрӯзи кинооператор.

**Саидаҳмади Васлӣ** (1869-1925), 155-солагии зодрӯзи шоир, олим.

**Темурхон Шукуров** (1954), 70-солагии зодрӯзи журналист.

**Николай Хаников** (1819-1878), 205-солагии зодрӯзи шарқшинос - муаррихи рус, муҳаққиқи таърих ва этнографияи мардуми тоҷик.

**• 17 СЕНТЯБР •**

**Тӯйчӣ Абдуфаттоев** (1954), 70-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

**Вера Брайчева** (1924-1989), 100-солагии зодрӯзи рассом.

**Борис Жуков** (1924), 100-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

**Оймаҳмад Розиқов** (1954), 70-солагии зодрӯзи журналист.

**• 18 СЕНТЯБР •**

**Михаил Абдураҳмонов** (1934), 90-солагии зодрӯзи рассом, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

**Александр Мясников** (1899-1965), 125-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

**Ҳабибулло Тағоев** (1939-2001), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

**Маъмурҷон Шарифов** (1954), 70-солагии зодрӯзи генерал-майор.

**Таҳияи Г. ИСМОИЛОВА, Ҳ. АМРИДДИН, кормандони Китобхонаи миллии Тоҷикистон**

**Аз идора**

**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?**
**ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!**
**Тел: 221-00-84**

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

## ХИЗМАТРАСОНИҲО

► Таъмири яхдон, кондитсионерҳо, мошинаҳои ҷомашӯӣ автомат. Иваз кардани мотор, пур кардани фрион. Босифат ва бо кафолат. Усто бо таҷрибаи кории 30-сола. Даъват ба хона. Тел.: 901-91-39-81, 918-35-66-96, 917-86-50-05, 93-776-66-07

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Гиёсова Маликахон Нуритдиновна, РМА: 126568967, ки соли 2024 дар Нозироти андози ноҳияи Фирдавсӣ ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин дараҷаи А №0116040, аз соли 2006, рақами қайд №8404, ба номи Муродов Навруз, бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати деҳоти Роҳатӣ, деҳаи Теппаи Самарқандӣ, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ, А02837076, ба номи Ҷобиров Амирхон Каримҷонович, ки санаи 24.12.2019 аз ШВКД-2 ноҳияи Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ, А01752655, ба номи Собиров Ковус Абдуҷалилович, ки санаи 28.01.2019 аз ҷониби ШВКД-1 ноҳияи Шоҳмансур дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлидорӣ ба номи Мирзохоҷаева Зуҳро, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, кӯчаи Турдиев 34, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯӣ ба номи Бобоқулов Садриддин Ҷамшедович, ки соли 2023 аз ҷониби Донишкадаи тарбияи ҷисмонӣ ба номи С. Раҳимов дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Тамлиев Иҷрон, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Назаршоева 99, хонаи 11, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи сохтани манзили истиқоматӣ байни ҶСП "Муқим-1" ва Эмомов Аҳлиддин, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Авесто 27, ки соли 2017 баста шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтарчаи меҳнатӣ, АТ-IX №0856057, ба номи Каримова Зарина Амиркаримовна, ки санаи 25.08.2000 аз ҷониби ДДТТ ба номи А. Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ, А04115711, ба номи Таваров Амирҳамза Сайдалиевич, ки санаи 18.04.2022 аз ҷониби ШВКД-1 ноҳияи Шоҳмансур дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

► МД "Парки технологии Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми ҶТ", №0265642, РЯМ: 0110022440, РМА: 010097930, барҳам мехӯрад. Арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

►ҶДММ "Сайри Олам", РЯМ: 0410004522, РМА: 040029853, барҳам мехӯрад. Арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

## НИЁЗ ДОРЕМ

### Коргузор (Делопроизводитель)

**ВАЗИФА:** Кор бо ҳуҷҷатҳо, сабт ва ташкили маҷлисҳо, нигоҳдорӣ ва муҳосибии ҳуҷҷатҳо, робита бо шарикон ва муштариён.

**ТАЛАБОТ:** Маълумоти миёнаи касбӣ ё олӣ, малакаи кор бо компютер, дақиқкорӣ ва масъулиятнокӣ, малакаи хуби иртиботӣ.

**МО ПЕШНИҲОД МЕКУНЕМ:**

- *Маош аз **2000** сар мешавад;*
- *Муҳити кории устувор ва динамикӣ;*
- *Имконияти пешрафти касбӣ;*
- *Ҷойи кори қулай дар маркази шаҳр.*

Барои фиристодани резюмеи худ, лутфан бо суроғаи электронии мо тамос гиред:

**zbim2012@gmail.com**

ё ба рақами телефони

**945-41-50-50** занг занед.

### БУХГАЛТЕР-ХАЗИНАЧӢ

**ВАЗИФАҲО:** Муҳосибии амалиёти нақдӣ ва ғайринақдӣ, кор бо ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ, кор бо барномаи 1С, ҳисоббарорӣ ва тайёр намудани ҳисоботҳо.

**ТАЛАБОТ:** Маълумоти касбӣ дар соҳаи муҳосибӣ, таҷрибаи кор, малакаи хуби кор бо компютер.

**МО ПЕШНИҲОД МЕКУНЕМ:**

- *Маош аз **2000** сар мешавад;*
- *Муҳити кории устувор ва динамикӣ;*
- *Имконияти пешрафти касбӣ;*
- *Ҷойи кори қулай дар маркази шаҳр.*

Барои фиристодани резюмеи худ, лутфан бо суроғаи электронии мо тамос гиред:

**zbim2012@gmail.com**

ё ба рақами телефони

**945-41-50-50** занг занед.

**ШИТОБЕД, КИ ФУРСАТ МАҲДУД АСТ!**

## Судоку

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 5 | | 4 | | 7 | | 1 | |
| | | 7 | | | | 2 | | |
| 3 | | | 2 | | 5 | | | 4 |
| 7 | 3 | | | | | | 6 | 5 |
| | | | | 4 | | | | |
| 6 | 2 | | | | | | 9 | 8 |
| 2 | | | 3 | | 1 | | | 7 |
| | | 5 | | | | 1 | | |
| | 7 | | 9 | | 8 | | 4 | |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 4 | | | | | | | | 8 |
| | | 2 | | 6 | | 3 | | |
| | | 1 | 8 | | 9 | 2 | | |
| 1 | 6 | 9 | | | | 8 | 7 | 3 |
| | | | | | | | | |
| 5 | 2 | 4 | | | | 9 | 6 | 1 |
| | | 7 | 1 | | 6 | 5 | | |
| | | 8 | | 3 | | 7 | | |
| 3 | | | | | | | | 9 |

## Фарқиятро ёбед



## Лабиринт




## Сканворд



Рули мошин
Mt - унсури кимиёвӣ
Падар (лаҳҷ.)
Шаҳр дар Туркиё
Аз гунҷишк тарсӣ ... макор
Офтоб
Шаҳр дар вилояти Павлодар
Ақл, шуур, хуш
Cs - унсури кимиёвӣ
Мухтасари "Васоити ахбори омма"
Навъи ҳашарот
Маймунчаи Аладдин
Нонпаз, нонфурӯш
Шаҳр дар Колумбия
Духтари ба шавҳар нобаромада
Бародари қаҳва, ки бо шир менӯшанд
Номи духтарона
Шер ба оху... ..
Пойтахти Ҷумҳурии мухтори Қалмиқистон
Сероб, тар
1000 грамм
Афзоиш
Михаил ... , чемпиони ҷаҳон оид ба шатранҷ
Равғани гов
Эълонҳои консерту киноҳо
Радифи ротор
... Грозний
Шайтон
Шиsince
Швартснегер дар хурдӣ
Калиди автоматӣ
Бало
Сайёраи системаи офтобии мо
"... - Новости"
Шаҳр дар вилояти Красноярски Русия
Хаткашаки каҷ
... Сомон
Пешниҳод, даъват
Ислоҳот
Хурмо
Номи духтарона
Шикор
Боинсоф, додгар, адолатпеша
Мир Саййид ...и Ҳамадонӣ
Хо Ши ...
Номи баландии машҳури Байтулмуқаддас
Фахр кардан



### Дуздӣ

Марде ба калисо рафта, ба руҳонӣ мегӯяд:

- Хоҳиш мекунам, дуо кунед, ки Худованд маро бубахшад.
- Чӣ гуноҳ кардӣ, писарам?
- Як миллион рубл дуздидам.
- Барои он ки Худо туро бахшад, аввал бояд гуноҳатро сабуктар кунем.
- Чӣ хел сабуктар?
- Маблағро се тақсим мекунем: 500 ҳазор ҳақи калисо, 400 ҳазор барои дуо, боқӣ ба гардани шумо.
- Тақдири ман чӣ мешавад?
- Барои дуздии 100 ҳазор худи калисо туро мебахшад, писарам, кирои Худовандро ташвиш додан нест,- мегӯяд руҳонӣ.

### Гӯштбирён

Ҷавоне ба хонаи бародараш хабаргирӣ меравад. Баъди 2 соат яке аз ҷиянҳояш ба назди меҳмон омада, мепурсад:

- Амак, шумо кай ба хонаатон меравед?
- Чаро?,- ҳайрон мешавад ҷавон.
- Очаам гӯштбирён пухтааст мегӯяд, ки баъди рафтани амакат онро меҳӯрем.

### Худораҳматӣ

Пиразане аз набераaш пурсид:

- Калон шавӣ, кӣ мешавӣ?

Набераaш тӯтивор ҷавоб дод:

- Аввал апа мешавам, баъд арӯс мешавам, баъд модар мешавам, баъд момо мешавам.

Пиразан ба ваҷд омада, боз пурсид:

- Боз кӣ мешавӣ?

Набераaш забон хоида, ҷавоб дод:

- Баъд... Баъд худораҳматӣ.

### Ман онам

Яке аз дигаре пурсид:

- Арақ хуб аст ё коняк?

Дигарӣ гуфт:

- Ман онам, ки ҳукм бар ғайб накунам.

Аввалӣ гуфт:

- Ман онам, ки тине берун аз чайб накунам.

### Мошинча

Зан дучон буд. Шавҳраш ҳазломез гуфт:

- Хайр, завҷаи муҳтарам, ин дафъа духтарча таваллуд мекардагистед?

Писарчаи сесолаашон, ки гуфтугӯи онҳоро гӯш мекард, ба модараш илтиҷо мекунад:

- Модарҷон, ин дафъа мошинча таваллуд кунед!

### Посух

Муаллим:

- Толиб, мори айнакдор ба кадом гурӯҳи ҳайвонҳо дохил мешавад?

Талаба:

- Ба ҳайвонҳое, ки масофаи дурро дида наметавонанд.

Таҳияи
**Н.РАҶАБОВА**

### Ғам туро хӯрдааст…

Нафаре аз ғуссаҳояш ба Мундонӣ шикоят карда, гуфт:

- Он қадар ғам хӯрдам, ки нисфам намонд, бобо.

Мундонӣ бо табассум гуфт:

- Агар нисфат намонда бошад, пас ғам туро хӯрдааст, на ту ғамро.

### Мо аз шумо замин харидаем ку

*(Аз нақли корафтодае)*

Аз ширкати сохтмоние дар бинои навбунёд хона харидам. Тибқи шартнома бояд баъд аз ду сол ҳонаро мегирифтам, аммо дар байн чандин сол гузашт, хона ҳеҷ тайёр нашуд, ки нашуд. Рӯзе ба қабули раиси сохтмон даромада, аз дер тайёр шудани хона шикоят карда, гуфтам:

- Муҳтарам раис! Аз ваъдаи шумо 11 сол гузашт, аз пули иҷорадиҳӣ хаста шудем. Лутфан дақиқ бигӯед, ки хонаи мо кай тайёр мешавад ва мо кай метавонем ба хонаҳоямон даромада, зиндагӣ кунем?

Раис ба лоиҳаи бино, ки дар рӯйи мизаш гузошта шуда буд, назар карда пурсид:

- Шумо дар чандум ошёна хона гирифтед?

Гуфтам:

- Ошёнаи 13.
- Хонаи шумо тайёр аст,- гуфт бо ҷиддият.- Марҳамат, даромада зиндагӣ кардан гиред.
- Чӣ хел тайёр? Дар онҷо ҷуз майдони холӣ чизе нест,- гуфтам бо ҳайрат.

Лоиҳаро нишон дода, гуфт:

- Шумо равед, аз рӯйи ана ҳамин лоиҳа хонаи худро чудо кунед, атрофашро маҳкам кунед. Баъди шумо ҳамсояатон сар мекунад ва ҳамин тавр хонаҳо пурра буд мешаванд.
- Эхе, мо аз шумо замин харидаем ку, на хона,- гуфтам ноумедона.

### Бузургвор

Субҳ тавассути шабакаи facebook ба Шамсулло Фозилов салом додам. Дар ҷавоб навишт:

- Салом, салом бузургВОР.
- Чаро “бузург” неву “ВОР” бо ҳарфҳои калон?,- пурсидам бо тааҷҷуб.

Бо ханда гуфт:

- Чунки шумо бузургони ҳозира ҳама ВОРед.
- Хуллас, нафаҳмидам,- гуфтам,- дар бузургвории мо бартарият ба калимаи “бузург” дода мешавад ё ба “вор”?

### … Шумо зебо наметобед

Бегоҳирӯзӣ Мундонӣ дар ҷорабиние бо яке аз бонувони ҳамкасбаш рӯ ба рӯ шуд, ки чанд вақт надида буд. Баъд аз салому алейк бону гуфт:

- Шунидем, ки чашмонатон бемор шудаанд, аммо ба назар хеле зебо метобанд ку.
- Чашмони ман ба назари шумо зебо метобанд, аммо афсӯс, ки шумо ба назари ин чашмҳо дигар зебо наметобед,- гуфт бо табассум Мундонӣ.



**Холиқназар ҶУМЪАЗОДА**

## Сканворд

